# ШАШМАҚОМ

## БУЗУРГ

## III

М1

ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

АКАДЕМИЯИ МАҚОМ

# ШАШМАҚОМ


***Муаллиф ва мураттиб***

***Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон***

***Абдувалӣ Абдурашидов***


## БУЗУРГ

III


YUNUS RAJABIY NOMIDAGI O'ZBEK MILLIY MUSIQA SAN'ATI INSTITUTI
Inv. № 4160
AXBOROT RESURS MARKAZI



Душанбе

«Адиб»

2016

ББК -85. 315 (2точик) Я7
Ш-40

Муаллиф ва мураттиб
***Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон***
***Абдувалӣ Абдурашидов***

Муҳаррирони адабӣ:
*Абдураҳмони Абдуманнон (муҳаррири масъул), Абдулқодир Маниёзов, Мубашшир Акбарзод, Шарифмурод Исрофилниё, Бадриддин Мақсудов, Сино Маҳмудов ва Камол Насрулло*

Ш-40 **Шашмақом. Мақоми Бузург.** / *Муаллиф ва мураттиб Абдувалӣ Абдурашидов.* – Душанбе: «Адиб», 2016. – Ҷ.3. – 366 саҳ.

Таҳияи китоби шашҷилдаи Шашмақом барои илмӣ ва амалӣ омӯхтани санъати волои «Шашмақом» аз ҷониби ҳунармандон, муҳаққиқон, устодону донишҷӯёни муассисаҳои таълимии фарҳанг ва ҳунар, гурӯҳҳои эҷодии тахассусӣ, инчунин барои маърифати доираи васеи дӯстдорони ин санъат пешбинӣ гардидааст. Муаллиф ва мураттиби китоб умед бар он мебандад, ки нашри нави китоби Шашмақом барои омӯзиши мероси бузурги мусиқии халқи тоҷик «Шашмақом» манфиат ва самари хубе ба бор хоҳад овард.

**Китоби «Шашмақом» бо саҳмгузории**
**Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**рӯйи чоп омадааст.**

Aga Khan Trust for Culture
Music Initiative

Китоб бо дастгирӣ ва саҳмгузории Барномаи «Ибтикори Мусиқӣ»-и Бунёди Оғохон оид ба Фарҳанг таҳия гардидааст.

ISBN 978-99947-2463-7

*Академияи мақом*

© Абдувалӣ Абдурашидов, 2016

# МАҚОМИ БУЗУРГ

# I. ШАРҲИ АДВОРИ МАҚОМИ БУЗУРГ

Мақоми Бузург дар низоми Шашмақом мақоми саввум буда, дар заминаи яке аз *мавзеъҳои* хушоянди дастаи танбӯр – *роҳи Бузург* ба вуҷуд омадааст. Чунон ки маълум аст, мавзеи *роҳи Бузург* дар ҳолати ду намуди ҷӯр – *ҷӯри Бузург* ва *ҷӯри Рост,* дар ду *зинаи* гуногуни қаторовози дастаи танбӯр падид меояд. Дар ҳолати *ҷӯри Бузург* мавзеи *роҳи Бузург* аз бастапардаи чорум (нағмаи *ре*) ва дар ҳолати *ҷӯри Рост* аз бастапардаи ҳафтуми (нағмаи *сол*) дастаи танбӯр ташаккул ёфта, дар адвори муосири мусиқӣ чунин тасвир мешавад:

Мисоли 1. Мавзеи *роҳи Бузург* дар ҳолати *ҷӯрҳои Бузург* ва *Рости* дастаи танбӯр:

1) дар ҳолати *ҷӯри Бузург:*




1) дар ҳолати *ҷӯри Рост:*




Дар мавзеи *роҳи Бузург,* ки қаторовози *ҷамъи ҷинсҳои чору панҷро* муаррифӣ менамояд, мавқеи *созпарда* дар зинаи саввум падид меояд. Яъне, дар қаторовози *роҳи Бузург* бо болою поён шудани зинаи саввум *сози* қаторовоз ба амал омада, сохтори он мушаххас мешавад. Дар натиҷа ду намуди сохтори қаторовоз ба вуҷуд меоянд, ки дар амалияи

мақом бо унвони *сози Бузург* ва *сози Сегоҳ* маъруф шудаанд. Азбаски ҳоло мо мақоми Бузургро мавриди баррасӣ қарор додем, сохтори танҳо қаторовози *сози Бузургро* меорем:

1-1-½ // 1-1-½-1

Агар сохтори қаторовози *сози Бузурги* мавзеи *роҳи Бузург* дар ҳолати *ҷӯри Бузург* дар нағмаи *ре* қарор гирад, пас *созпарда* – (зинаи саввум) бо нағмаи *фа-диез* мутобиқат мекунад ва агар ин сохтор дар ҳолати *ҷӯри Рост* дар нағмаи *сол* қарор ёбад, пас зинаи *созпарда* мутобиқи нағмаи *си-бекар* мегардад. Яъне, ҷӯрҳои мавҷудаи танбӯр – *ҷӯри Бузург* ва *ҷӯри Рост,* сохтори қаторовози мавзеи *роҳи Бузург – сози Бузург*-ро дар ду табақаи нағамоти гуногун ба миён меоранд:

Мисоли 2. *Сози Бузурги* қаторовози мавзеи *роҳи Бузург* дар ҳолати *ҷӯрҳои Бузург* ва *Рости* дастаи танбӯр:

1) дар ҳолати *ҷӯри Бузург:*




2) дар ҳолати *ҷӯри Рост*:




Азбаски *адвори* мақоми Бузург дар асоси ин мавзеъ ташаккул ёфтааст, пас барои возеҳ тасаввур кардани он сохтори ҳамаи анвоъи пардаҳо ва низоми ташаккули *адвори* мақоми Бузургро дар заминаи мавзеи *роҳи Бузург,* ки дар ду ҳолати ҷӯр - *ҷӯри Бузург* ва *ҷӯри Рост* падид меояд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем.

Низоми *адвори* мақоми Бузург дар асоси ду *зоти* парда – *аслӣ* ва *фаръӣ* ва се *навъи* он – *мақом*, *шуъба* ва *овоза* пайдо шуда, дар *тартиби* муайян бо таносуби байни ҳамдигар ва *табақаҳои* гуногун қарор доранд. Ҳар кадом аз ин навъҳои парда дар *табақаи* муайяни доира *даври* худро ба вуҷуд меорад. Аз ин нуқтаи назар шаклёбии пардаҳои навъи *шуъба* ва *овоза* аз нағмаҳои паст ва баланди навъи пардаи аслии *мақом* дар низоми мақоми Бузург ба амал меояд. Дар ин ҷо шаклгирии маҷмӯи анвоъи пардаҳои мақоми Бузург дар ду *табақа* – якум ва чорум сурат мегирад:

а) *табақаи 1.* даври аввали адвор – *даври Бузургро* ташкил медиҳад, ки дар асоси он навъи пардаи аслии *Бузург,* инчунин навъҳои пардаи фаръӣ – *Уззол, Сарвиноз* ва *Рок* таъсис меёбанд;

б) *табақаи 4.* даври чоруми адвор – *даври Насруллоҳиро* ташкил ме-

намояд, ки дар заминаи он навъи пардаи фаръии *Насруллоҳӣ* бунёд мегардад;

Дар кулл сохти низоми *адвори* мақоми Бузург чунин ба назар мерасад:

Мисоли 3. Нақша: сохти низоми *адвори* мақоми Бузург (*адвори Бузург*):




Дар мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр чунин дастуру шартҳо амал мекунанд: навъи пардаи аслӣ – *мақоми Бузург* ва навъи пардаҳои фаръӣ – *шуъбаи Уззол, овозаи Сарвиноз* ва *овозаи Рок* аз зинаи 1-ум – *шоҳпарда* ва навъи пардаи фаръӣ – *шуъбаи Насруллоҳӣ* аз зинаи 4-ум – *зарпардаи* қаторовози *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр бунёд мешаванд. Яъне, бунёди низоми *адвори* мақоми Бузург дар мавзеи *роҳи Бузург* бо чунин тарз падид меояд.

Дар се навъи мавҷудаи силсила, аз ҷумла ду навъи силсилаи аслӣ – *Мушкилот* ва *Наср,* ва як навъи силсилаи фаръӣ – *Савт*, онҳо ба таври гуногун амал мекунанд. Дар бунёди силсилаи бахши соз – *Мушкилот*, як гурӯҳи парда – *Бузург* ва *Насруллоҳӣ,* дар силсилаи аслии бахши овоз – *Наср,* гурӯҳи дуввуми парда – *Бузург, Уззол* ва *Насруллоҳӣ* ва дар силсилаҳои фаръии бахши овоз – *Савт,* гурӯҳи саввуми парда – *Бузург, Уззол, Насруллоҳӣ, Сарвиноз* ва *Рок* иштирок менамоянд. Яъне, дар ташаккули адвор ва силсилаҳои мақоми Бузург се гурӯҳи пардаҳо бо таносуби гуногун дар байни худ ширкат менамоянд.

Дар баробари ин амалоти мутақобилаи пардаҳо дар навъи силсилаҳои *аслӣ* ва *фаръӣ* гуногун мебошанд. Дар навъи силсилаҳои *аслӣ*, ки шомили бахши соз – *Мушкилот* ва бахши овоз – *Наср* мебошад, тартиби бунёди пардаҳо дар дохили низоми силсила бо робита ва таъсири мутақобила сурат мегирад, ки ин амал бунёди низоми адворро муайян месозад. Аммо дар навъи силсилаҳои *фаръӣ*, ки шомили силсилаи бахши овоз – *Савт* мебошад, тартиби бунёди пардаҳо ба тартиби пайдарҳамии онҳо дар низоми силсилаи *аслӣ* вобастагӣ дорад. Яъне, тартиби низоми навъи силсилаҳои *фаръӣ* бевосита бо тартиби низоми пардаҳо дар силсилаи *аслӣ* марбут аст.

Низоми табақоти пардаҳоро дар адвори мақоми Бузург худи мазеи *роҳи Бузург* дар дастаи танбӯр мукаррар мекунад. Аммо тамоми навъи

пардаҳо – *Бузург, Уззол, Насруллоҳӣ, Сарвиноз* ва *Рок*, ки дар ин мақом мавҷуданд, дар зинаҳои гуногуни ин мавзеъ бунёд гардидаанд ва *табақаи* ҳар кадоми онҳо гуногун мебошад. Бояд қайд кард, ки *табақаи* ҳар парда бо *сарпардаи* он муайян мегардад. Аз ҷумла, 1) *сарпардаи Бузург, Уззол, Сарвиноз* ва *Рок* дар заминаи зинаи якуми чарангӣ – *шоҳпарда*; 2) *сарпардаи Насруллоҳӣ* дар заминаи зинаи чоруми чарангӣ – *зарпардаи роҳи Бузург* сохта мешаванд. Яъне, дар асоси қаторовози бунёдии мақоми Бузург, ки дар *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр мунъакис мебошад, табақаи тамоми пардаҳое, ки дар ташаккули низоми адвори ин мақом иштирок мекунанд, муайян мегардад. Чунин тартиби бунёдгузорӣ дар шаклгирӣ ва тартиби низоми адвори кулли мақомҳои Шашмақом мушоҳида мешавад.

Ҷойгиршавии сохтори ҳамаи анвоъи пардаҳои мақоми Бузург, ки дар *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр падид меоянд, дар ҳолати ду ҷӯри торҳои он – *ҷӯри Бузург* ва *ҷӯри Рост* ва дар ду *табақа* сурат мебандад. Дар ин ҳолат *табақаи* нағамоти пардаҳои *Бузург, Уззол, Насруллоҳӣ, Сарвиноз* ва *Рок* тартиби худро ҳам дар мавзеи *роҳ* ва ҳам дар доираи низоми *адвор* нигоҳ медоранд. Умуман, тартиби бунёди низоми *адвори* мақоми Бузург дар мавзеи *роҳи Бузург* дар ҷадвал ва мисоли адвори мусиқӣ ба таври зерин мебошад:

Мисоли 4. Ҷадвал: тартиби табақоти нағамоти *адвори* мақоми Бузург дар мавзеи *роҳи Бузург*:

| № | Навъи пардаҳои мақоми Бузург | Зинаҳо | Номи зинаҳо | Нағамот | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | дар ҳолати *ҷӯри Бузург* | дар ҳолати *ҷӯри Рост* |
| Мавзеи *роҳи Бузург* | | | | | |
| 1 | *Бузург* | I | *шоҳпарда* | ре | сол |
| 2 | *Уззол* | I | *шоҳпарда* | ре | сол |
| 3 | *Насруллоҳӣ* | IV | *зарпарда* | сол | до |
| 4 | *Сарвиноз* | I | *шоҳпарда* | ре | сол |
| 5 | *Рок* | I | *шоҳпарда* | ре | сол |

Мисоли 5. Тартиби табақоти нағамоти *адвори* мақоми Бузург дар мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр :

1) дар ҳолати *ҷӯри Бузург*:






2) дар ҳолати *чӯри Рост*:







Яъне, дар мавзеи *роҳи* дастаи танбӯр *зоти аслии* парда аз зинаи аввали ҷарангӣ – *шоҳпарда* сохта шуда, дар низоми силсилаи мақом ҳамчун пардаи асосӣ муайян мегардад. Аммо *зоти фаръии* парда дар зинаҳои гуногуни ҷарангӣ – *шоҳпарда* ва *зарпардаи* қаторовоз бунёд гардида, дар низоми силсилаи мақом ҳамчун навъҳои якум, дуввум, саввум ва чоруми пардаи фаръӣ шинохта мешаванд.

Мисоли 6. Ҷадвал: тартиби ташаккули тамоми намуди пардаҳои мақоми Бузург дар мавзеи *роҳи Бузург*:

| № | Навъи пардаҳои мақоми Бузург | | | | | Зинаҳо | Номи зинаҳо | Нағамот | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *Аслӣ* | *Фаръӣ* | | | | | | Дар ҳолати *чӯри Бузург* | Дар ҳолати *чӯри Рост* |
| | *мақом* | якум *шуъбаи 1.* | дуввум *шуъбаи 2.* | саввум *овозаи 1.* | чорум *овозаи 2.* | | | | |
| | Мавзеи *роҳи Бузург* | | | | | | | | |
| 1 | *Бузург* | | | | | I | *шоҳпарда* | ре | сол |
| 2 | | *Уззол* | | | | I | *шоҳпарда* | ре | сол |
| 3 | | | *Насруллоҳӣ* | | | IV | *зарпарда* | сол | до |
| 4 | | | | *Сарвиноз* | | I | *шоҳпарда* | ре | сол |
| 5 | | | | | *Рок* | I | *шоҳпарда* | ре | сол |

Мисоли 7. Тартиби бунёдёбии тамоми намудҳои пардаҳои мақоми Бузург – *мақоми Бузург, шуъбаи Уззол, шуъбаи Насруллоҳӣ, овозаи Сарвиноз* ва *овозаи Рок*, дар мавзеи *роҳи Бузург*:

1) дар ҳолати *ҷӯри Бузург*:




2) дар ҳолати *ҷӯри Рост*:




Тамоми навъи пардаҳое, ки дар мақоми Бузург падид меоянд, дар мутуни се силсилаи мавҷуда – *Мушкилот, Наср* ва *Савт*, дар навбат ва тартиби пайиҳамоии муайян сохта мешаванд. Тартиби бунёдгирии онҳо дар тамоми силсилаҳо ҳам дар асоси мавзеи дастаи танбӯр – *роҳи Бузург* ва ҳам дар асоси усулҳои мақомӣ муқаррар мегардад. Яъне, тартиби банавбати ташаккули пардаҳои мақом ҳам бо қаторовоз дар мавзеи муайяни роҳи дастаи танбӯр ва ҳам бо таъсиси тамоми анвоъи зарбии усулҳои силсила муайян мешавад. Масалан, дар мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр дар навбати аввал пардаи навъи аслӣ – *мақоми Бузург*, дар навбати дуввум пардаи навъи фаръии 1-ум – *шуъбаи Уззол*, дар навбати саввум пардаи навъи фаръии 2-юм – *шуъбаи Насруллоҳӣ*, ва дар навбати чоруму панҷум пардаҳои навъи фаръии саввуму чорум – *овозаи Сарвиноз* ва *овозаи Рок* қарор мегиранд. Чунин тартиби низоми *адвори* мақоми Бузург дар ҷадвали зерин инъикос гардидааст:

Мисоли 8. Ҷадвал: тартиби ташаккули тамоми навъҳои пардаи мақоми Бузург дар мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр:

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Навбати бунёдёии пардаҳо | *- навбат* | якум | дуввум | саввум | чорум | панҷум |
| 2 | Парда | *- парда* | *Бузург* | *Уззол* | *Насруллоҳӣ* | *Сарвиноз* | *Рок* |
| 3 | Мавзеъ | *- роҳ* | *БУЗУРГ* | | | | |
| | Чӯри каторовоз | *- соз* | *Бузург* | | | | |
| 4 | Табақаи нағамот | *- табақот* | зинаи I *шоҳпарда* | зинаи I *шоҳпарда* | зинаи IV *зарпарда* | зинаи I *шоҳпарда* | зинаи I *шоҳпарда* |
| 5 | Зоти парда | *- зот* | *аслӣ* | *фаръӣ* | *фаръӣ* | *фаръӣ* | *фаръӣ* |
| 6 | Навъи парда | *- навъ* | *мақом* | *шуъбаи 1.* | *шуъбаи 2.* | *овозаи 1.* | *овозаи 2.* |

Дар баробари ин дар бахши соз – *Мушкилот* ва бахши овоз – *Насри* мақоми Бузург тартиби банавбати навъҳои пардаҳо бо тартиби банавбати анвоъи усулҳои он мутаносиб мебошанд, ки он дар номҳои шохаҳои асосии силсила мунъакис аст. Яъне, тартиби пайомади се навъи асосии парда (*мақоми Бузург, шуъбаи Уззол* ва *шуъбаи Насруллоҳӣ*) бо тартиби пайдарҳамии навъҳои асосии *усул* дар шохаҳои бахши соз – *Мушкилот* ва бахши овоз – *Насри* мақоми Бузург марбут мебошад. Танҳо лозим ба ёдоварист, ки шохаҳои силсила ба сифати шохаҳои *асосӣ, фосилавӣ* ва *фуруъӣ* зоҳир мешаванд[1]. Ин гуфтаҳоро дар ҷадвалҳои зерин метавон равшан мушоҳида намуд:

Мисоли 9. Ҷадвал: тартиби ташаккули банавбати навъҳои *парда* ва *усул* (шохаҳои силсила) дар мақоми Бузург:

1. Силсилаи аслии бахши соз – *Мушкилот*

| № | НАВБАТ | | |
|---|---|---|---|
| | Парда | | Усул |
| | Навъи аслӣ *мақом* | Навъи фаръии 2. *шуъбаи 2.* | *Шохаҳо* |
| 1 | *Бузург* | | Тасниф |
| 2 | *Бузург* | | Тарҷеъ |
| 3 | *Бузург* | | Гардун |
| 4 | *Бузург* | | Мухаммас |
| 5 | | *Насруллоҳӣ* | Мухаммас |
| 6 | *Исломӣ* | | Сақил |
| 7 | Султон | | Сақил |

[1] Дар силсилаи аслии бахши овози *Наср* шохаҳои фосилавӣ – *тарона* мавҷуд аст, ки аз нигоҳи усул тартиби муайянеро надоранд, вале сохтори содаи оҳангиро дорост. Дар силсилаҳои фаръии бахши овоз *Савт* шохаҳои *фуруъӣ – Талқинча, Фурӯғ, Соқинома* ва *Уфар* мавҷуданд, ки аз 4 усули муайян таркиб ёфтаанд.

2. Силсилаи аслии бахши овоз – *Наср*

| № | Парда | | | Усул | |
|---|---|---|---|---|---|
| | НАВБАТ | | | | |
| | Навъи аслӣ *мақом* | Навъи фаръии 1. *шуъбаи 1.* | Навъи фаръии 2. *шуъбаи 2.* | Шохаҳо асосӣ | фосилавӣ (таронаҳо) |
| 1 | *Бузург* | | | Сарахбор | *Накш, Шашзарб, Накш, Сокинома, Талкинча, Даромади Талкин* |
| 2 | | *Уззол* | | Талқин | *Шашзарб, Даромади Насруллохи* |
| 3 | | | *Насруллоҳӣ* | Наср | *Сувора, Чапзарб, Шашзарб, Даромади Наср* |
| 4 | | *Уззол* | | Наср | |
| 5 | *Бузург* | | | Сарахбор (Супориши аввал) | — |
| 6 | | *Уззол* | | Уфар | — |
| 7 | *Бузург* | | | Сарахбор (Супориши охир) | — |

Агар дар мутуни низоми адвори мақоми Бузург *шуъбаи Уззол* ва *шуъбаи Насруллоҳӣ* пардаҳои нисбатан мустақилро ташкил диҳанд, аз нигоҳи бунёди силсилаи аслӣ онҳо мутағаййирии пардаро ба вуҷуд меоранд. Зеро дар қисмати сохтори силсилае, ки онҳо зоҳир мешаванд, тағйири мавзеъ ва нақшҳои анвоъи парда ба амал меояд. Бинобар ин пардаҳои мазкур дар бунёди сохтори мутаносиби силсилаи аслӣ нақши пардаҳои мутағаййирро ба дӯш доранд. Дар ҳолати зикргардида ҳар кадоми пардаҳо (*Уззол* ва *Насруллоҳӣ*) мувакқатан ва бонавбат нақши пардаи асосиро мегиранд ва бинобар ин инҳирофи мувакқатӣ, яъне *гузариш* аз пардаи аслии *мақоми Бузург* ба пардаҳои фаръии *шуъбаи Уззол* ва *шуъбаи Насруллоҳӣ* ба амал меояд. Ин амали *гузариш* то лаҳзаи муайян дар сохтори силсила аз шохаи асосии *Талқин* оғоз гардида, то анҷоми *Уфар* идома меёбад, ки дар он пардаҳои фаръӣ мувакқатан ҷойгузини пардаи аслӣ гардида, нақши пардаи асосиро мебозанд. Танҳо дар марҳилаи охири сохтори силсилаи мақом дар шохаи *Супориши охир* нақши пардаи аслӣ – *мақом* ба ҷои аслии хеш, ба пардаи *мақоми Бузург* баргашта, анҷоми мантиқиро пайдо мекунад ва дар пардаи асосии худ - *сарпарда* хотима меёбад. Ҳамин тариқ, тамоми навъи пардаҳо – *мақоми Бузург, шуъбаи Уззол* ва *шуъбаи Насруллоҳӣ* аз рӯи тартиби банавбати муайян дар низоми бунёди таълифоти силсилаҳои асливу фаръии бахши созу овози мақоми Бузург шакл мегиранд.

Аммо он чи ба силсилаи *аслӣ* муносибат дорад, он дар тартиби ташаккули пардаҳои силсилаҳои *фаръӣ* низ ҳифз карда мешавад, вале на дар ҳудуди як силсила. Дар ин маврид ҳар кадом аз навъҳои парда –

*Бузург, Уззол* ва *Насруллоҳӣ* барои созмон додани силсилаи алоҳида – силсилаи тозаи фаръии *Савт* бунёд мегузоранд. Яъне ҳар кадом аз силсилаҳои фаръӣ дар асоси яке аз навъҳои парда, ки дар низоми силсилаи аслии бахши овози *Наср* зоҳир мешавад, таркиб мёебад. Мутобиқи тартиби бунёди пардаҳо дар мақоми Бузург, дар заминаи пардаи аслии *мақоми Бузург* намуди аввали силсилаи фаръӣ – *Амал*, яъне *Амали Бузург* сохта мешавад. Ва дар асоси навъҳои якум ва дуввуми пардаҳои фаръӣ – *шуъбаи Уззол* ва *шуъбаи Насруллоҳӣ* намуди дуввуми силсилаи фаръӣ – *Савт*, яъне *Савти Уззол* ва *Савти Насруллоҳӣ* бунёд мёебанд. Ҳамин тариқ, тамоми навъҳои парда, ки дар силсилаи аслии бахши овоз – *Наср* зоҳир мешаванд, мушобеҳан аз рӯи мавқеи худ дар навъи силсилаи фаръӣ – *Савт* низ амал менамоянд.

Силсилаҳои фаръӣ дар асоси ҳар кадом аз навъҳои парда (*мақоми Бузург, шуъбаи Уззол* ва *шуъбаи Насруллоҳӣ*) ба таври алоҳида бунёд мегарданд, ки дорои низоми сохтори муайяни зарбӣ (усул) буда, тартиби ягонаи пайдарҳамии онҳо дар тамоми ин навъи силсила риоя карда мешавад ва он аз панҷ шоха иборат аст: *Савт* (*Амал*), *Талқинча*, *Фурӯғ Соқинома* ва *Уфар*. Яъне, тартиби бунёди пардаҳо дар силсилаҳои *фаръӣ* мушобеҳ бо силсилаи *аслӣ* сурат мебандад, вале на дар ҳудуди як силсила. Дар ин ҷо ҳар навъи парда дар ташаккули силсилаи алоҳида амал мекунад ва дар шароити тартиби дигари усулҳо сохта мешавад, ки хоси силсилаи фаръии *Савт* мебошад. Тартиби банавбати бунёди сохтори *парда* ва *усул* дар силсилаҳои фаръии *Савт* дар мақоми Бузург ба таври аён дар ҷадвали зер оварда шудааст.

Мисоли 10. Ҷадвал: тартиби бунёди банавбати сохтори парда ва усул дар силсилаҳои фаръии *Савти* мақоми Бузург:

| НАВБАТ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| № | Парда | | | Усул | |
| | | | | *Шохаҳо* | |
| | Навъи аслӣ (*маком*) | Навъи фаръии якум (*шуъбаи 1.*) | Навъи фаръии дуввум (*шуъбаи 2.*) | асосӣ | фуруъӣ |
| 1 | *Бузург* | | | **Амал** | |
| | | | | | Талқинчаи Амал |
| | | | | | Фурӯғи Амал |
| | | | | | Соқиномаи Амал |
| | | | | | Уфари Амал |
| 2 | | *Уззол* | | **Савт** | |
| | | | | | Талкинчаи Савт |
| | | | | | Фурӯғи Савт |
| | | | | | Соқиномаи Савт |
| | | | | | Уфари Савт |
| 3 | | | *Насруллоҳӣ* | **Савт** | |
| | | | | | Талкинчаи Савт |
| | | | | | Фурӯғи Савт |
| | | | | | Соқиномаи Савт |
| | | | | | Уфари Савт |

Дар баробари ин дар мақоми Бузург боз ду сохтори иловагии нави силсилаҳои фаръӣ – *Савти Сарвиноз* ва *Рок* ба назар мерасанд. Ин силсилаҳо дар асоси навъҳои чорум ва панҷуми пардаҳои фаръӣ – *овозаи Сарвиноз* ва *овозаи Рок* таъсис гардидаанд. Яъне, дар мақоми Бузург дар баробари намудҳои асосии силсилаҳои фаръӣ (*Амали Бузург, Савти Уззол* ва *Савти Насруллоҳӣ*) боз ду намуди дигари силсилаҳои фаръӣ дар навъи пардаҳои *овозаи Сарвиноз* ва *овозаи Рок* арзи вуҷуд намуда, ба таври васеъ мавриди истифода қарор ёфтаанд. Дар заминаи мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр силсилаҳои мазкур бо тартиби зерин мураттаб мегарданд:

Мисоли 11. Тартиби силсилаҳои иловагӣ *Савти Сарвиноз* ва *Рок* дар асоси мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр:

| № | НАВБАТ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Парда | | Усул | |
| | Навъи фаръии саввум *овоза* | | *Шохаҳо* | |
| | *овозаи 1.* | *овозаи 2.* | асосӣ | фуруъӣ |
| 1 | Сарвиноз | | Савт | |
| | | | | Талқинчаи Савт |
| | | | | Фурӯғи Савт |
| | | | | Соқиномаи Савт |
| | | | | Уфари Савт |
| 2 | | Рок | Рок | |
| | | | | Мустазоди Рок |
| | | | | Чорзарби Рок |
| | | | | Соқиномаи Рок |
| | | | | Уфари Рок |

## II. РОҶЕЪ БА БУНЁДИ ПАРДАҲОИ МАҚОМИ БУЗУРГ

Бунёди низоми пардаҳои мақомӣ дар заминаи таносуби ду такяи асосӣ: *сарпарда* – такяи якум (поёнӣ) ва *миёнпарда* – такяи дуввум (болоӣ) ва сохти қатори овоз, ки дар гирди онҳо ба вуҷуд меоянд, ошкор мегардад. Азбаски *адвори* мақоми Бузург дар заминаи *сози Бузурги* мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр бунёд ёфтааст, анвоъи пардаҳои онро дар ин сохтори қаторовоз мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод:

### 1. Ташаккули навъи пардаи *мақоми Бузург*:

Навъи пардаи *мақоми Бузург* дар заминаи ҷамъи ҷинсҳои *чору панҷ* бо тарзи пайванди *пайвастаи* ҷинсҳо бунёд меёбад. Зимни бунёдёбии ин навъи парда нағмаи фосилавӣ дар қисмати ниҳоии ҷамъи ҷинсҳо (қаторовоз), байни зинаҳои ҳафтум ва якум қарор мегирад. Яъне, пайванди ду ҷинси чор ба тарзи *пайваста* ва тавассути як нағмаи (пардаи) фосилавии ниҳоӣ сурат мегирад. Сохтори парда дар ин маврид чунин тартиб дорад:

1-1-1/2 // 1-1-1/2 (1)

Ин яке аз навъҳои сохтори парда бо тарзи пайванди *пайваста* мебошад, ки дар заминаи ҷамъи (қаторовози) ҷинсҳои *чору панҷ* ба амал меояд. Ҳамзамон ин навъи парда дар заминаи ду такяи асосӣ бунёд мегардад, ки миёни онҳо таносуби *чор* (кварта) таркиб меёбад: *сарпарда* дар асоси зинаи I – *шоҳпардаи* қаторовоз сохта мешавад, ки ҷинси поёниро таркиб медиҳад ва *миёнпарда* дар асоси зинаи IV – *зарпарда* бунёд меёбад, ки ҷинси болоии қаторовоз бо як фосилаи ниҳоӣ таркиб медиҳад. Ҳамин тариқ, навъи пардаи *мақоми Бузург* дар мавзеи *роҳи Бузург* ва ду ҷӯри дастаи танбӯр – *ҷӯри Бузург* ва *ҷӯри Рост*, аз нигоҳи сохтор ба таври зерин ташаккул меёбад:

Мисоли 1. Сохтори навъи пардаи *мақоми Бузург* бо тарзи пайванди *пайвастаи* ҷинсҳо дар мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр:

1) дар ҳолати *ҷӯри Бузург*:



1) дар ҳолати *чӯри Рост*:




Такяи асосӣ – *сарпардаи мақоми Бузург* дар асоси зинаи якум – *шоҳпардаи* қатoровози *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр сохта шуда, аз як тараф, *табақаи* нағамоти пардаро дар ин *мавзеъ* ва аз тарафи дигар, сохтори ҷамъи (қатoровози) ҷинсҳои *чору панҷро* муқаррар месозад.

Дар баробари ин қобили зикр аст, ки дар зинаи саввуми пардаи *мақоми Бузург* дар раванди ҳаракатҳои оҳанг ба самти поён тағйирёбии нағма ба вуқуъ пайваста, нағмаи пастшудаи мутағаййирӣ пайдо мешавад. Он дар мавзеи *роҳи Бузург* дар ҳолати *чӯри Бузург* нағмаи *фа-бекар* ва дар ҳолати *чӯри Рост* нағмаи *си-бемол*-ро ташкил медиҳад. Ин яке аз хусусиёти хоси зоҳиршавии пардаи *мақоми Бузург* мебошад[1].

Дар заминаи ин навъи парда дар мақоми Бузург шохаҳои асосӣ *Таснифи Бузург, Тарҷеъи Бузург, Гардуни Бузург, Мухаммаси Бузург, Сақили Ислимӣ* ва *Сақили Султон* аз силсилаи бахши сози *Мушкилот,* шохаи *Сарахбори Бузург* аз силсилаи аслии бахши овози *Наср* ва якум силсилаи фаръии бахши овоз – *Амали Бузург* ташаккул ёфтаанд.

### 2. Ташаккули навъи пардаи *шуъбаи Уззол*:

Шаклёбии пардаи навъи *шуъбаи Уззол* мисли пардаи навъи *мақоми Бузург* аз зинаи I – *шоҳпардаи* қатoровози *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр ба амал омада, бо тарзи пайванди *пайвастаи* ҷинсҳо таркиб ёфтааст. Гарчанде ин ду навъи пардаҳо – *шуъбаи Уззол* ва *мақоми Бузург,* бо як тарзи пайванди *пайваста* таркиб ёфта бошанд ҳам, лекин аз ҷиҳати бунёдии хеш (*зот*) ва таъсиси *навъи* парда онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар мутуни низоми адвори мақоми Бузург пардаи *Уззол* ҳамчун пардаи фаръии якум – *шуъбаи 1-ум* зоҳир мешавад.

Дар бунёди пардаи *шуъбаи Уззол* нағмаи фосилавӣ пас аз пайванди ҷинсҳо дар қисми болои қатoровоз байни зинаҳои ҳафтум ва якуми он қарор мегирад. Сохтори парда дар ин маврид чунин тартиб дорад:

---

[1] Дар амалия танбӯрнавозӣ ин нағма тавассути бештар фишор додани тор дар зинаи (пардаи) дуввум ихроҷ мегардад, ки дар ин ҳолат нағма то нимпарда болотар садо дода, нағмаи дилҳоҳи зинаи саввуми поёнро ихроҷ менамояд. Дар робита бо ин зинаи дуввум ҳамчун зинаи *нағмапарда*, ки тариқи фишор додан ба он баландии нағмаро то ним парда, баъзан зиёда аз он метавонад тағйир диҳад, ишора карда мешавад. Нақши *нағмапарда* маъмулан дар раванди ҳаракати оҳанг ба самти поён, дар қисматҳои охири таълифот зоҳир мешавад.

1-1-1/2 // 1-1-1/2 (1)

Дар баробари ин пардаи *шуъбаи Уззол* дар заминаи зинаи якум – *шоҳпарда* бунёд ёфта, ҳамзамон табақаи нағамоти худро ҳам дар низоми *адвори* мақоми Бузург ва ҳам дар низоми қаторовози мавзеи *роҳи Бузург* (дар таносуби ҷинсҳои *чору панҷ*) муайян месозад. Дар ин ҷо такяи якум – *сарпарда* қисми поёнии ҷамъ – *ҷинси чор* ва такяи дуввум – *миёнпарда* қисми болоии ҷамъ – *ҷинси панҷ,* яъне, ҷинси чор ва нағмаи фосилавии ниҳоиро таркиб медиҳанд. Дар бунёдёбии пардаи *шуъбаи Уззол* бо тарзи пайванди *пайваста* миёни такяҳои *сарпарда* ва *миёнпарда* таносуби чор (кварта) ба вуҷуд меояд. Навъи пардаи *шуъбаи Уззол* зимни ду ҷӯри тории дастаи танбӯр – *ҷӯри Бузург* ва *ҷӯри Рост* дар мисоли адвори мусиқӣ ҷунин ба назар мерасад:

Мисоли 2. Сохтори навъи пардаи *шуъбаи Уззол* дар мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр:

1) дар ҳолати *ҷӯри Бузург*:




2) дар ҳолати *ҷӯри Рост*:




Дар заминаи навъи пардаи *шуъбаи Уззол* дар мақоми Бузург шохаҳои *Талқини Уззол, Насри Уззол* ва *Уфари Уззол* аз силсилаи аслии бахши овоз – *Наср* ва дуввум силсилаи фаръии бахши овоз – *Савти Уззол* ташаккул ёфтаанд.

### 3. Ташаккули навъи пардаи *шуъбаи Насруллоҳӣ*:

Шаклёбии пардаи навъи *шуъбаи Насруллоҳӣ* аз зинаи IV – *зарпардаи* қаторовози *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр ба амал омада, дар асоси ҷамъи ҷинсҳои *панҷу чор* бо намуди дуввуми тарзи пайванди *пайвастаи* ҷинсҳо сохта мешавад. Зимни бунёдёбии ин парда нағмаи фосилавӣ дар поёни ҷамъ (қаторовоз) байни зинаҳои якум ва дуввуми он қарор мегирад. Яъне,

пайванди ду ҷинс пас аз нағмаи фосилавӣ аз зинаи дуввуми қаторовоз (ҷамъ) сурат мебандад ва сохтори парда дар ин маврид бо чунин тартиб падид меояд:

(1) 1-1/2-1 // 1-1-1/2

Ин яке аз навъҳои сохтори парда бо тарзи пайванди *пайваста* мебошад, ки дар заминаи ҷамъи (қаторовози) ҷинсҳои *панҷу чори* қисмати дуввуми мавзеи *роҳи Бузург* ба амал меояд. Дар ин мавриди бунёдёбии парда бо тарзи пайванди *пайваста* миёни такяҳои асоси *сарпарда* ва *миёнпарда* таносуби *панҷ* (квинта) таркиб меёбад.

Дар ин ҷо қайд намудан зарур аст, ки ин намуди парда дар заминаи се такя: *сарпарда, такяпарда* ва *миёнпарда* бунёд меёбад. 1) *сарпарда* дар асоси зинаи IV – *зарпарда*; 2) *такяпарда* дар заминаи зинаи V – *заифпардаи* қаторовоз сохта мешаванд, ки як нағмаи фосилавӣ ва ҷинси поёнии ҷамъро таркиб медиҳанд ва *миёнпарда* дар асоси зинаи I – *шоҳпарда* бунёд меёбад, ки ҷинси болоии қаторовозро таъсис медиҳад. Ҳамин тариқ, пардаи *шуъбаи Насруллоҳӣ* дар мавзеи *роҳи Бузург* ва ду ҷӯри дастаи танбӯр – *ҷӯри Бузург* ва *ҷӯри Рост* аз нигоҳи сохтор ба таври зерин падид меояд:

Мисоли 3. Бунёди навъи пардаи *шуъбаи Насруллоҳӣ* дар мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр :

1) дар ҳолати ҷӯри *Бузург*:




2) дар ҳолати ҷӯри *Рост*:




Такяи асосӣ – *сарпардаи шуъбаи Насруллоҳӣ* дар асоси зинаи чорум – *зарпардаи* қаторовози *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр сохта шуда, аз як тараф, *табақаи* нағамоти пардаро дар ин *роҳ*, ва аз тарафи дигар, заминаи сохтори ҷамъи (қаторовози) ҷинсҳои *панҷу чорро* муқаррар месозад. Дар ин ҷо такяи асосии якум – *сарпарда* якҷоя бо *такяпарда* қисми поёнии қаторовоз – ҷинси панҷро таркиб медиҳад, аммо *миёнпарда* мутобиқан қисми болоии қаторовоз – ҷинси чорро бунёд месозад.

Inv. № 4160
AXBOROT RESURS MARKAZI

Дар баробари ин қобили зикр аст, ки дар заминаи ин навъи парда *такяпарда* нақши *истпарда*-ро дорад, ки дар заминаи он истҳои асосии оҳанг, ба истисної *исти хотимавӣ,* ба амал меоянд. Навъи *исти хотимавии* оҳанг дар такяи асосӣ – *сарпарда* сурат мегирад.

Дар заминаи навъи пардаи *шуъбаи Насруллоҳӣ* яке аз шохаҳои чоруми асосӣ (*мухаммас*) – *Мухаммаси Насруллоҳӣ* аз силсилаи бахши сози *Мушкилот,* инчунин яке аз шохаҳо саввуми асосӣ (*Наср*) – *Насруллоҳӣ* аз силсилаи аслии бахши овози *Наср,* ва саввум силсилаи фаръии бахши овоз (*Савт*) – *Савти Насруллоҳӣ* дар мақоми Бузург ташаккул ёфтаанд.

Ҳамин тавр, дар заминаи қаторовози мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр низоми адвори мақоми Бузург бо се навъи пардаҳои асосӣ – *мақоми Бузург, шуъбаи Уззол* ва *шуъбаи Насруллоҳӣ* бунёд ёфтааст.

Дар баробари он, дар мақоми Бузург боз ду намуди парда дар навъи саввуми пардаҳои фаръӣ (*овоза*) – *овозаи Сарвиноз* ва *овозаи Рок* падид омадаанд.

### 4. Ташаккули навъи пардаи *овозаи Сарвиноз:*

Навъи пардаи *овозаи Сарвиноз* дар заминаи *табақаи* якуми адвори мақоми Бузург ё худ дар *зинаи 1-уми* ҷарангӣ – *шоҳпардаи* қаторовози мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр бо тарзи пайванди *пайвастаи* ҷинсҳо бунёд ёфтааст. Дар ин ҷо такяи асосӣ – *сарпардаи овозаи Сарвиноз* дар заминаи такяи асосии *мақоми Бузург* ташаккул ёфтааст.

Пардаи *овозаи Сарвиноз* дорои такяи муқаддимавӣ – *поя* мебошад, ки он дар чор фосила (кварта) поён аз зинаи асосӣ – *шоҳпарда* қарор дошта, зинаи панҷуми *заифпардаи* қаторовозро ташкил медиҳад. Яъне дар бунёдёбии пардаи *овозаи Сарвиноз* миёни такяҳои *поя* ва *сарпарда* таносуби чор (кварта) ба вуҷуд меояд. Дар ин ҷо такяи муқаддимавӣ – *поя* қисми поёнии ҷамъ – *ҷинси чор* ва такяи асосӣ – *сарпарда* қисми болоии ҷамъ – *ҷинси панҷ,* яъне, чинси чор ва нағмаи фосилавии болоиро таркиб медиҳанд. Хулоса дар бунёди пардаи *овозаи Сарвиноз* нағмаи фосилавӣ пас аз пайванди ҷинсҳо дар қисми болоӣ қаторовоз байни зинаҳои чорум ва панҷуми он қарор мегирад. Сохтори парда дар ин маврид чунин тартиб дорад:

1-1/2-1 // 1-1-1/2 (1)

Дар заминаи такяи поёнии пардаи *овозаи Сарвиноз,* ки ба сифати такяи муқаддимавӣ – *поя* зоҳир мешавад, истҳои асосии оҳанги таълифоти мақом ба амал меояд. Ҳамин тариқ, сохтори пардаи *овозаи Сарвиноз* бо назардошти нақши такяҳои асосии *поя* ва *сарпарда,* зимни ду ҷӯри тории дастаи танбӯр – *ҷӯри Бузург* ва *ҷӯри Рост* дар мисоли адвори мусиқӣ чунин ба назар мерасад:

Мисоли 4. Бунёди навъи пардаи *овозаи Сарвиноз* бо тарзи пайванди *пайвастаи* ҷинсҳо дар мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр:

1) дар ҳолати чӯри *Бузург*:




2) дар ҳолати чӯри *Рост*:




Дар заминаи ин навъи парда силсилаи фаръии чоруми бахши овоз – *Савти Сарвинози* мақоми Бузург таркиб ёфтааст.

### 5. Ташаккули навъи пардаи *овозаи Рок*:

Навъи пардаи *овозаи Рок* мисли навъи пардаи *овозаи Сарвиноз* дар заминаи табақаи якуми адвори мақоми Бузург ё худ дар зинаи 1-уми чарангӣ – *шоҳпардаи* қаторовози мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр бунёд ёфтааст. Агарчи такяи асосӣ – *сарпардаи овозаи Рок* дар заминаи такяи асосии мақоми Бузург ташаккул ёфтааст, сохтори қаторовози он бо тарзи пайванди *гусастаи* чинсҳо шакл мегирад. Яъне, шаклёбии пардаи навъи *овозаи Рок* аз зинаи I – *шоҳпардаи* қаторовози *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр ба амал омада, дар асоси ҷамъи чинсҳои *чору панч*, бо намуди дуввуми тарзи пайванди *гусастаи* ҷинсҳо сохта мешавад. Зимни бунёдёбии ин парда нағмаи фосилавӣ дар мобайни ҷамъ (қаторовоз), байни зинаҳои чорум ва панҷуми он қарор мегирад, ки тартиби сохтори парда дар ин маврид чунин мешавад:

1-1-1/2 // (1) 1-1/2-1

Ин яке аз навъҳои сохтори парда бо тарзи пайванди *гусаста* мебошад, ки дар заминаи ҷамъи (қаторовози) ҷинсҳои *чору панҷи* мавзеи *роҳи Бу-*

*зург* ба амал меояд. Дар мавриди бунёдёбии парда бо тарзи пайванди *гусаста* миёни такяҳои асосии *сарпарда* ва *миёнпарда* таносуби *панҷ* (квинта) таркиб меёбад.

Зимни ин қайд кардан зарур аст, ки ин навъи парда дар заминаи се намуди такя: *сарпарда, такяпарда* ва *миёнпарда* бунёд меёбад: 1) *сарпарда* дар асоси зинаи I – *шоҳпардаи* қаторовоз сохта мешавад, ки ҷинси чори қисми поёнии ҷамъро таркиб медиҳад; 2) *такяпарда* дар заминаи зинаи IV – *зарпарда* ва 3) *миёнпарда* дар асоси зинаи V – *заифпардаи* қаторовоз бунёд меёбанд, ки як нағмаи фосилавӣ ва ҷинси чори қисми болоии қаторовозро таъсис медиҳанд. Ҳамин тариқ, пардаи *овозаи Рок* дар мавзеи *роҳи Бузург* ва ду чӯри дастаи танбӯр – *чӯри Бузург* ва *чӯри Рост* аз нигоҳи сохтор ба таври зерин падид меояд:

Мисоли 5. Бунёди навъи пардаи *овозаи Рок* бо тарзи пайванди *гусастаи* ҷинсҳо дар мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр:

1) дар ҳолати чӯри *Бузург*:




2) дар ҳолати чӯри *Рост*:




Дар мақоми Бузург дар заминаи ин навъи парда панҷум силсилаи фаръии бахши овоз – *Рок* таркиб ёфтааст.

## III. ШАРҲИ ТАЪЛИФИ СИЛСИЛАҲОИ НАВ
### (*Савти Уззол* ва *Савти Насруллоҳӣ*)

Дар мақоми Бузург маълум гардид, ки дар силсилаи *аслии* бахши овоз – *Наср* ҳамагӣ се навъи пардаҳо – *мақоми Бузург, шуъбаи Уззол* ва *шуъбаи Насруллоҳӣ* иштирок доштанд. Яъне, мутобиқи қавонин ташаккули силсилаҳои *фаръӣ* дар асоси ҳар кадоме аз ин навъҳои пардаҳои мақоми Бузург бояд силсилаҳои навъи *Савт*, амсоли *Амали Бузург, Савти Уззол* ва *Савти Насруллоҳӣ* бунёд гардад.

Аммо маълум аст, ки дар амалияи мақом ва нашри пешини китоби Шашмақом се силсилаи фаръӣ – *Амали Бузург, Савти Сарвиноз* ва *Рок* оварда шудааст, ки ба се навъи парда (*мақом, овозаи 1.* ва *овозаи 2.*) – *мақоми Бузург, овозаи Сарвиноз* ва *овозаи Рок* мансуб мебошанд. Вале дар пардаҳои навъи *шуъбаи Уззол* ва *шуъбаи Насруллоҳӣ* силсилаҳои фаръии *Савт* вуҷуд надоранд. Сабабҳо метавонанд гуногун бошанд: 1) эҳтимол ин силсилаҳо то замони мо нарасидаанд; 2) шояд онҳо то имрӯз таълиф нашудаанд. Хулоса дар мақоми Бузург ду навъи силсилаи фаръӣ – *Савти Уззол* ва *Савти Насруллоҳӣ* падид наомадаанд, агарчи дар дастхатҳо, рисолаҳои пешини Шашмақом номҳои онҳо ба назар мерасад.

Аз ин сабаб бо мақсади ҳалли ин масъала гурӯҳи эҷодии Академияи мақом дар назди худ вазифа гузошт, ки ин ду навъи силсила – *Савти Уззол* ва *Савти Насруллоҳӣ*-ро таълифу коркард намуда, рӯйи кор оранд. Ҳамин тавр, Академияи мақом мақсаде гузошт, ки аз як тараф, анъана ва суннати аслии таълифоти мақомӣ ва санъати устодонаи *бастакориро* ҳамзамон зинда намояд ва аз тарафи дигар, силсилаҳои тозаи навъи *Савтро* бо такя ба сабту таҷрибаи устодони Шашмақом ва қавонину қавоиди мавҷудаи мусиқии мақомӣ биофарад.

Таълифи ду силсилаи нав – *Савти Уззол* ва *Савти Насруллоҳӣ*-ро хатмкунандагони Академияи мақом Камолиддин Ҳамдамов ва Насиба Омонбоева ба уҳда гирифтанд. Усули амали онҳо дар офаридани ин ду силсила – *Савти Уззол* (К.Ҳамдамов) ва *Савти Насруллоҳӣ* (Н.Омонбоева) дар қисмати зер тавсиф гардидааст:

#### 1. *Силсилаи Савти Уззол*:

Дар марҳилаи аввали кор Камолиддин Ҳамдамов маводи зарурии мусиқиро омӯхта, интихоби манобеи даркории зеринро анҷом медиҳад:

1) интихоби маводи мусиқӣ дар пардаи навъи *шуъбаи Уззол*;

2) интихоби сохтори таълифоти мақомӣ ва қисмати авҷӣ – *авҷу намудҳо*;

3) сохторҳои зарбӣ ва интихоби ашъори классикӣ дар авзони муайяни баҳрҳои арӯз.

Дар навбати аввал К. Ҳамдамов вазъи умумии корро арзёбӣ карда, баъдан маводи зарурии мусиқӣ ва шеъриро ҷамъоварӣ намудааст, сипас силсиларо таҳлил карда, усули офаридани онро муқаррар намуда, танҳо

баъд аз анҷоми ин амалҳо бевосита ба чараёни офаридан, таълифу коркарди мусиқӣ шурӯъ кардааст.

Барои офаридани силсилаи *Савти Уззол* К. Ҳамдамов дар навбати аввал барои худ ҷавҳари оҳангеро муқаррар сохта, дар мавриди эҷод ба он такя намудааст. Ба сифати чунин ҷавҳари оҳангӣ се шохаи силсилаи аслии бахши овоз – *Насри* мақоми Бузург – *Талқини Уззол, Насри Уззол* ва *Уфари Уззол* баргузида шуд. Яъне, офаридани силсилаи нав на аз рӯи оҳанги тоза, балки дар асоси оҳанги мавҷуда амалӣ гашт. Ба ин минвол ҷанбаи бунёди нағамоти силсилаи мақомии *Савти Уззол*, аз ҷумла сохтори парда, оҳанг ва қисмати авҷӣ муайян гардиданд. Сохтори қисматҳои авҷии силсилаи тозаэҷоди *Савти Уззол* аз шохаҳои *Талқини Уззол, Насри Уззол, Уфари Уззол* силсилаи аслӣ бо каме фарқият таъсис дода шуд. К.Ҳамдамов ба қисмати авҷии силсилаи *Савти Уззол* танҳо як навъи намуди *Муҳайяри Чоргоҳро* бо ду қисмат – *Муҳайяри Чоргоҳ* ва *Авҷи Муҳайяри Чоргоҳ* интихоб намуд. Тартибу ташаккули қисмати авҷии силсилаи *Савти Уззол* дар заминаи қаторовози пардаи *шуъбаи Уззол* чунин сурат гирифт:

- *Муҳайяри Чоргоҳ* – *зинаи 3*
- *Авҷи Муҳайяри Чоргоҳ* – *зинаи 6*

Дар мисоли хати адвори муосир қисмати авҷии силсилаи *Савти Уззол* дар ду қисмат – *Муҳайяри Чоргоҳ* ва *Авҷи Муҳайяри Чоргоҳ* дар заминаи навъи пардаи *шуъбаи Уззол* ва мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр чунин зоҳир мешавад:

Мисоли 1. Қисмати авҷии силсилаи *Савти Уззол* дар мавзеъи *роҳи Бузург* ва ҳолатҳои *ҷӯри Рост* ва *ҷӯри Бузурги* дастаи танбӯр:

1) дар ҳолати ҷӯри *Бузург*:






2) дар ҳолати ҷӯри *Рост*:







Акнун мебоист ҷанбаи зарбии ин силсила, яъне масоили зарбу мизроби мусиқӣ ва шеърии онро ҳал менамуд. Маълум аст, ки силсилаи фаръӣ, дар айни ҳол *силсилаи Савт,* аз панҷ зарб – *усули* мақомӣ иборат аст, ки онҳо ҳамзамон панҷ шохаи мақомиро ташкил медиҳанд, аз ҷумла шохаи аввалу асосӣ – *Савт* ва чор бахши дигари фуруъӣ – *Талқинча*, *Фурӯғ*, *Соқинома* ва *Уфар*. Аз ин рӯ мебоист дар асоси ҳар кадоме аз ин усулҳо матнҳои ашъори классикӣ дар вазнҳои муайян интихоб мегардид. Дар ин маврид муҳим буд, ки матнҳои шеърӣ аз ҷиҳати вазн бо шакли ҳар кадоме аз усулҳои мақомӣ мутаносибу ҳамоҳанг гардад. Ҳамин тавр, К.Ҳамдамов дар асоси панҷ усули мавҷудаи мақомӣ матни шеърҳоро аз ашъори шуарои классики тоҷик ба авзони зерини шеър интихоб намуд:

1) *Савт* – Ҳазаҷи мусаммани солим
2) *Талқинча* – Музореъи мусаммани ахраби макфуфи мақсур
3) *Фурӯғ* – Рамали мусаммани маҳзуф
4) *Соқинома* – Мутақорибӣ мусаммани маҳзуф (мақсур)
5) *Уфар* – Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф

Танҳо пас аз анҷоми ин бахши кор К.Ҳамдамов бевосита ба эҷоди панҷ шохаи мақомии силсилаи *Савти Уззол* шурӯъ кард.

Ҳамин тавр, дар асоси қавонини мавҷудаи ташаккули шохаҳои мақомӣ ва ҳамзамон бунёди силсилаҳои фаръии *Савт* К.Ҳамдамов силсисилаи *Савти Уззолро* таълифу коркард карда, дар шакли яккасароӣ бо танбӯру дойра дар студияи сабти овоз иҷро ва сабт намудааст, ки он дар нашри кунунии китоби Шашмақом оварда шудааст.

## 2. *Силсилаи Савти Насруллоҳӣ*:

Тартиби офаридани силсилаи *Савти Насруллоҳӣ* усулан бо тартиби офаридани силсилаи *Савти Уззол* тақрибан ҷиҳати коркарди бандубасти он яксон аст. Офаридани силсилаи *Савти Насруллоҳӣ*-ро Насиба Омонбоева ба зимма гирифт. Ӯ дар навбати аввал барои коркард ва такмили силсилаи тоза яке аз шохаҳои асосии силсилаи аслии *Насри* бахши овози мақоми Бузург *Насруллоҳӣ*-ро ҳамчун ҷавҳари оҳанг барои худ муқаррар намуд. Яъне бунёди ин силсила ҳамчунин дар заминаи оҳанги мавҷуда, ки дар шохаҳои силсилаи аслӣ зоҳир мешавад, сурат мегирад. Баъд аз ин ӯ сохтори қисмати авҷӣ – *Авҷ, Нағмаи Авҷ, Авҷи Самоъ, Нағмаи Авҷи Самоъро*, ки дар шохаи *Насруллоҳӣ* зоҳир мешавад, муайян намуда, баъдан барои таълифу коркарди силсилаи *Савти Насруллоҳӣ* як навъи аз ин авҷҳои макомӣ – *Авҷи Саморо* бо ду қисмати он (*Авҷи Самоъ* ва *Нағмаи Авҷи Самоъ*) интихоб кард. Ҳамин тариқ, тартибу ташаккули қисмати авҷии силсилаи *Савти Насруллоҳӣ* дар заминаи қаторовози пардаи *шуъбаи Насруллоҳӣ* бо чунин сурат мушаххас шуд:

- *Авҷи Самоъ* – *зинаи 4*
- *Нағмаи Авҷи Самоъ* – *зинаи 1*

Бад-ин минвол, сохтори асосҳои парда, оҳанг ва таълифоти силсилаи *Савти Насруллоҳӣ* муайян гардид. Сохтори қисмати авҷии ин силсила дар заминаи мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр ба таври зерин сохта мешавад:

Мисоли 2. Сохтори адвори авҷии силсилаи *Савти Насруллоҳӣ* дар мавзеи *роҳи Бузурги* дастаи танбӯр:

1) дар ҳолати ҷӯри *Бузург*:






2) дар ҳолати чӯри *Рост*:







Акнун мебоист ҷанбаи зарбии силсилаи мазкур, яъне масоили зарбу мизроби мусиқӣ ва шеърии онро ҳал намуд. Аз ин рӯ мебоист дар асоси ҳар кадоме аз ин усулҳо матнҳои ашъори классикӣ дар авзони муайян интихоб мегардид. Дар ин маврид муҳим буд, ки матнҳои шеърӣ аз ҷиҳати вазн бо шакли ҳар кадоме аз усулҳои мақомӣ мутаносибу ҳамоҳанг гардад. Ҳамин тавр, Н.Омонбоева дар асоси панҷ усули мавҷудаи мақомӣ матни шеърҳоро аз ашъори шуарои классики тоҷик ба авзони зерини шеър интихоб намуд:

1. *Савт* – Ҳазаҷи мусаммани солим
2. *Талқинча* – Музореъи мусаммани ахраби макфуфи мақсур
3. *Фурӯғ* – Рамали мусаммани мақсур
4. *Соқинома* – Мутақорибн мусаммани мақсур (маҳзуф)
5. *Уфар* – Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур

Танҳо пас аз анҷоми ин бахши кор Н.Омонбоева бевосита ба таълифу такмили панҷ шохаи мақомии силсилаи *Савти Насруллоҳӣ* шурӯъ кард.

Ҳамин тавр, дар асоси қавонини мавҷудаи ташаккули шохаҳои мақомӣ ва ҳамзамон бунёди силсилаҳои фаръии *Савт* Насиба Омонбоева силсилаи *Савти Насруллоҳӣ*-ро таълифу такмил намуда, дар шакли яккасарої– – бо гурӯҳи навозандагони ансамбли Академияи мақом дар студияи сабти овоз иҷро ва сабт намуд, ки он дар нашри кунунии китоби Шашмақом оварда шудааст.



*Гурӯҳи навозандагони ансамбли Шашмақоми назди Хонаи Радио (1968)*

# I

# БАХШИ СОЗ

## МУШКИЛОТ

*(Силсилаи аслӣ)*

1. *Таснифи Бузург*
2. *Тарҷеъи Бузург*
3. *Гардуни Бузург*
4. *Мухаммаси Бузург*
5. *Мухаммаси Насруллоҳӣ*
6. *Сақили Исломӣ*
7. *Сақили Султон*

# МУШКИЛОТ

*(Силсилаи аслӣ)*

## 1. ТАСНИФИ БУЗУРГ




Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Хонаи 4
Нимхонаи 1.
Фурӯи 1
Фурӯи 2
Нимхонаи 2.
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Хонаи 5
Нимхонаи 1.
Фурӯи 1
Фурӯи 2
Фурӯи 3


Нимхонаи 2.
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Хонаи 6
Нимхонаи 1.
Фуруӯи 1
Фуруӯи 2
Фуруӯи 3
Фуруӯи 4
Фуруӯи 5
Нимхонаи 2.
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.


Хонаи 7
Нимхонаи 1.
Фурӯи 1
Фурӯи 2
Фурӯи 3
Фурӯи 4
Фурӯи 5
Фурӯи 6
Нимхонаи 2.
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Хонаи 8
Нимхонаи 1.
Фурӯи 1


Фурӯи 2
Фурӯи 3
Фурӯи 4
Фурӯи 5
Фурӯи 6
Фурӯи 7
Нимхонаи 2.
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Хонаи 9
Нимхонаи 1.
Фурӯи 1
Фурӯи 2




### Бозгӯй




## 2. ТАРҶЕЪИ БУЗУРГ

### Хонаи 1




Нимхонаи 2
Хонаи 2
Нимхонаи 1.
Фурӯи 1
Фурӯи 2
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Хонаи 3
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Хонаи 4
Нимхонаи 1.



(Бозгӯй)
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Хонаи 5
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Хонаи 6
Нимхонаи 1.


Нимхонаи 2.
Хонаи 7
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Хонаи 8
Нимхонаи 1.
Фурӯи 1
Фурӯи 2
Фурӯи 3
Нимхонаи 2.
Хонаи 9
Нимхонаи 1.




## 3. ГАРДУНИ БУЗУРГ

### Хонаи 1




Хонаи 3
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯи 1
Фурӯи 2
Фурӯи 3
Фурӯи 4
Бозгӯй
Нимхона
Хонаи 4
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯи 1
Фурӯи 2
Фурӯи 3




## 4. МУХАММАСИ БУЗУРГ




Нимхонаи 2.
Фурӯ
Хонаи 2
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Хонаи 3
Нимхонаи 1.


Нимхонаи 2.
Фурӯ
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Хонаи 4
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Бозгӯй
Нимхонаи 1.




## 5. МУХАММАСИ НАСРУЛЛОҲӢ




Хонаи 2
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Хонаи 3
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ



Бозгӯй




## 6. САҚИЛИ ИСЛИМӢ

М.М. ♩= 58 Хонаи 1




Фурӯ
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Хонаи 2 (Ранги Тарчеъ)
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.




Хонаи 3




Хонаи 4






## 7. САҚИЛИ СУЛТОН

Хонаи 1






Бозгӯй



Хонаи 2 (*Ранги Тарчеъ*)




Бозгӯй



## Хонаи 3




## Бозгӯй




Хонаи 4
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
Бозгӯй
Нимхонаи 1.
Нимхонаи 2.
Фурӯ
rit.

# II

# БАХШИ ОВОЗ



*Ансамбли Академияи мақом (2007)*

# I. НАСР

*(Силсилаи аслӣ)*

**1. Сарахбори Бузург**

*Таронаи 1 - Нақш (Ғиёсӣ)*

*Таронаи 2 - Шашзарб (халқӣ)*

*Таронаи 3 - Нақш (халқӣ)*

*Таронаи 4 - Соқинома (Сойиб)*

*Таронаи 5 - Талқинча (халқӣ)*

*Даромади Талқини Уззол (халқӣ)*

**2. Талқини Уззол (Восифӣ)**

*Таронаи 1- Шашзарб (халқӣ)*

*Даромади Насруллоҳӣ (Сайид)*

**3. Насруллоҳӣ (Сайид)**

*Таронаи 1 - Сувора (Сайидо)*

*Таронаи 2 - Чапзарб (Сайидо)*

*Таронаи 3 - Шашзарб (Мавлавӣ)*

*Даромади Насри Уззол (Ҳофиз)*

**4. Насри Уззол (Ҳофиз)**

*Супориши аввал - Сарахбор (Ҳофиз)*

**5. Уфари Уззол (Саъдӣ)**

*Супориши охир - Сарахбор (Анварӣ)*

# I. Н А С Р

*(Силсилаи aслӣ)*

## 1. САРАХБОРИ БУЗУРГ (Анварӣ)

### 1. Сархат




Замзамаи Бузург
Овои 1.
О
Фарово
О (чо - ни
мо)!
Овои 2.
О
Фурӯ
О (чо - ни
мо)!
(Нолаи парда)
О О

## 2.Миёнхат


Нагмаи парда
Нимхати 2.
Ту худ си -




**5. Нағмаи Авҷи Самоъ**




Нимхати 2.
Ту худ си -
то - ра - йи рӯ - зӣ,
чу пар - да бик - шо - йй.
Замзамаи Нагмаи Авҷи Самоъ (сонӣ)
Ово
О О
Фурӯ
О (ҷон)
6. Фуровард
Нимхати 1.
(ҷо - нам) Ба сар - ву моҳ
а - зо - но - ши - қаст
Қо - о - нӣ,
Нагмаи парда
Нимхати 2.
Ки мо - ҳи сарв -
қа - ду сар - ви моҳ -
Замзамаи Синахурӯш
Ово
си - мо - йй. О О


Фарово
О
О
О
О
(ё -
Фурӯ
рам)
(чо -
нам)
О
(ай
во - я)

## 2. ДИЛХИРОҶИ СОДИРХОН - *Равона*
## (Ҳофиз)

### 1. Сархат






## 2. Миёнхат *(бо Пешгӯй)*




Фарово
(ё - ра)
Фурӯ
(Ҳай - ро - нат ма - на - ма во -

**3. Дунасра**


Нагмаи парда
я)
Нимхати 1
Ос- мон бо- ри
а - мо - нат на - та - во - нист ка -шид,
Нагмаи парда
(а)
Нимхати 2
Кур -ъа -йи кор
ба но - ми ма - ни де- во- на
Кашиш
Замзамаи Дилхироҷ
Ово
за - данд (а) а а
а а
Фарово
а а (ё - рам)


Фурӯ
(Қур-бо- нат ша-ва-ма
4. Авҷ
Нагмаи парда
во - я)
Нимхати 1
Нуқ-та-йи
ишқ (а) ди-ли
гӯ-ша-ни-ши-нон хун кард,
Нагмаи парда
Нимхати 2
Ҳам-чу он хол, ки
бар о-ра-зи ҷо-
но- на за-данд (а)
Кашиш
Замзамаи Дилхироҷ
Ово
а а а
а а


Фарово
а
(ё - рам)
Фурӯ
rit.
(Ман хай - ро -
нат ма - на)
Шахд
ad lib.
Сароҳанг
Рез
Нимхати 1
Кас чу Ҳо - физ на - ка - ши -
даз ру-хи ан-де- ша ни-коб,
Нагмаи парда
Замзамаи Авчи Дилхироч
Ово
а
а
а
Фурӯ
(ё-ра)
Нагмаи парда


Нимхати 2
То са -ри зул - фи су - хан- ро ба
қа - лам шо - на
Замзамаи Дилхироч
Кашиш
Ово
за - данд (а) а а
а а
а а а
Фарово
(ё - рам)
Фурӯ
(Қур - бо - нат ша - ва - ма)
а (ё - рам).

## 3. ДИЛХИРОҶ - *Равона*
## (Восифӣ)




та - ши су - зан - да қад аф -
Нимхати 2
рох- та, Бе ни - ҳо -
ли қо - ма - тат сар-
Кашиш
ви си - ҳӣ дар ло - ла - зор (а).
Фурӯ
(вай ё - рам) О
Замзамаи Дилхироч
Ово
Фарово
О О О
Фурӯ
(а - до ман) (кур - бо - нат ша - вам
3. Дунасра
Рехтаи Дилхироч
(а) ё - рам)


Нимхати 1
Ғун - ча ху- но - лу - ди
пай- ко- не бу - вад биг - риф-
Нагмаи парда
та ранг,
Нимхати 2
Ди - да то лаъ - лаз
да - хо- нат дар ча - ман,
эй гул- ъу - зор.
Бозгӯй
Ди - да то лаъ - лаз да - хо -
нат дар ча - ман, эй гул- ъу - зор
Кашиш
Фурӯ
(а). (вай ё - рам) О
Замзамаи Дилхироч
Ово
О О
Фарово
Фурӯ
О (а - до ман кур - бо -


нат ша - вам (а) ё - рам)

## 4. Авҷ


Рехтаи Дилхироч
Нимхати 1
Бар ка - но- ри
рӯд - ҳо, дар со - я - ҳо-
Нагмаи парда
йи бед- гул
Нимхати 2
Мо - ҳи - ён-
ро ран- ги гул дар
об би- нӣ сад ҳа - зор.
Замзамаи Авҷи Дилхироч
Ово
О О (ай ё - рам)



## 5. Фуровард


Нагмаи парда
Нимхати 1.
Боғ
де бо - йи му - лав - ван
аз гу - лу аз саб- за сохт,
Нимхати 2
Саб - за аз гул - шан ча -
ро - ғо - ни си - пеҳ- ри зар-
Кашиш
Фурӯ
ни - гор (а)... (вай ё - рам)
Замзамаи Дилхироҷ
Ово
О О
Фарово
О (а - до ман)
Фурӯ
rit.
(кур - бо - нат ша - вам (а) (ё - рам)

III

## ОҲАНГИ МАҚОМӢ

*ДИЛХИРОҶ*

# ДИЛХИРОҶ





Бозгӯй

*Рехтаи Дилхироч*





***Намуна аз суратнусхаи рисолаи Шашмақом (асри XIX)***

# АШЪОР ВА СОХТОРИ

# МАҚОМИ БУЗУРГ

## II

## *Силсилаҳои бахши овоз*

# I. НАСР

(Силсилаи аслӣ)

## 1. САРАХБОРИ БУЗУРГ

### Анварӣ

***Сархат***

Эй, аз камоли ҳусни ту ҷузве дар офтоб,
Хаттат кашида доирайи шаб бар офтоб.

***Миёнхат***

Он ҷо, ки зулфи туст, ҳама яксара шаб аст
В-он ҷо, ки рӯйи туст, ҳама яксар офтоб.

***Дунасра***

Боғест чеҳрайи ту, ки дорад ситора бор,
Сарвест қомати ту, ки дорад бар офтоб.

***Уззол***

Бар моҳ мушк дорию бар сарв бӯстон,
Дар лола нӯш дорию дар анбар офтоб.

***Муҳайяри Чоргоҳ***

Аз чеҳра офтобиву аз бӯса шаккарӣ,
Бас лоиқ аст бар шакарат ҳамбар офтоб.

***Нагмаи Муҳайяри Чоргоҳ***

Холест бар рухи ту баномэзид, ончунон-к
Хоҳад ҳаме ба хубӣ аз ӯ зевар офтоб.

***Фуровард***

Нашгифт, агар нависад аз ин шеъри Анварӣ
Бар рӯйи рӯзгор ба оби зар офтоб.

## ТАРОНАИ 1

### Ғиёсӣ

***Сархат***

Шамъи рух аст дар дилам барқи ҷунуни ҷазби ӯ,
Оташе даргирифтааст узв ба узв, мӯ ба мӯ.

***Авҷи 1***

Бо сарупобараҳнагон шукркунон зи сӯзи он
Қитъа ба қитъа гаштаам, шаҳр ба шаҳр, кӯ ба кӯ.

***Авҷи 2***

Арз манам, само манам, ҷоми ҷаҳоннамо манам,
Ойинайи сафо манам, бо рухи дӯст рӯ ба рӯ.

***Фуровард***
Суфта, Ғиёс, рамз кун гавҳари кони мин ладун,
Карда зи нофайи сухун туррайи даҳр мушкбӯ.

**ТАРОНАИ 2**
**Халқӣ**

***Сархати 1***
Мо лолаву гул аз рӯйи шумо, эй барноe!
Равшан дидем вақти мастӣ.

Дар базми шароб хуш оташу об, дар як ҷоe!
Айнан дидем вақти мастӣ.

***Сархати 2***
Чархиш чу равед бо қомататон, мо шайдоe!
Гардон гули боғ, афшон анбар!

Аз ҳусни шумо шаб пеши чароғ, ҷони моe!
Гулшан дидем вақти мастӣ.

**ТАРОНАИ 3**
**Халқӣ**

***Сархат***
Ойӣ ба сӯйи хонаам,
Танҳо биё, танҳо биё!

***Авҷ***
Баҳри вафо, ҷононаам,

***Фуровард***
Баҳри вафо, ҷононаам,
Танҳо биё, танҳо биё!

**ТАРОНАИ 4**
**Соиб**

***Сархат***
Сарви ман рӯзе, ки бо шамшоду гул якҷо нишаст,
Як сару гардан ба хубӣ аз ҳама боло нишаст.

***Авҷи***
Ҳамнишиниҳойи қобил кард Афлотун маро,
Хосият ин медиҳад ҳар кас, ки бо доно нишаст.

***Фуровард***
Кафкро аз давлати дарё наёмад қадр беш,
Қадри гавҳар кам нашуд, ҳарчанд дар дарё нишаст.

## ТАРОНАИ 5

**Халқӣ**

***Сархати 1***

Ҳар гаҳ, ки ояд лаълаш ба гуфтор,
Гуфтем такрор: «Лаълаш ба гуфтор».

***Сархати 2***

Ёбад шифо ҳар дилхастабемор,
Гуфтем такрор: «Дилхастабемор».

***Дунасра***

Гулҳойи олам бехор бошанд,
Хандон зи шамъи дидор бошанд.

***Сархати 3***

Мо гул начидем аз боғ бехор,
Гуфтем такрор: «Аз боғ бехор».

***Фуровард***

Шайдо намудаст он моҳрухсор,
Гуфтем такрор: «Он моҳрухсор».

## ДАРОМАДИ ТАЛҚИНИ УЗЗОЛ

**Халқӣ**

***Даромади Уззол***

Ҳамчу ҳубоб беқарорам,
Ишқи ту кард хору зорам.
Куштайи чашми пурхуморат,
Ҷуз ту дигар касе надорам.

*Ёри вафодор, ҳайрони ту ман,*
*Мӯнису ғамхор, қурбони ту ман.*

## 2. ТАЛҚИНИ УЗЗОЛ

**Восифӣ**

***Сархат***

Соқиё, ҳамчун гули раъно дар айёми баҳор
Ҷоми зар аз бодайи гулгун даме холӣ мадор.

***Миёнхат***

Ҳаст дуде з-оташи сӯзанда қад афрохта
Бе ниҳоли қоматат сарви сиҳӣ дар лолазор.

***Дунасра***

Ғунча хунолуди пайконе бувад бигрифта ранг,
Дида то лаъл аз даҳонат дар чаман, эй гулъузор.

***Ушшоқ***

Лола дар ҳован чӣ ҳочат мушк сояд, чун сабо
Мевазад дар гулситон аз хоки поят мушкбор.

***Нағмаи Ушшоқ***
Бар канори рӯдҳо, дар сояҳойи бедгул
Моҳиёнро ранги гул дар об бинӣ сад ҳазор.

***Муҳайяри Чоргоҳ***
Бар канори ҷӯ чу ханҷарҳойи савсан ранг ёфт,
Бод сояд обро сӯҳонсифат дар ҷӯйбор.

***Авҷи Муҳайяри Чоргоҳ***
Аз даруни байза тӯтибаччаҳо сар мекашанд,
Меваҳойи сабз чун гашт аз шукуфа ошкор.

***Фуровард***
Боғ дебойи мулавван аз гулу аз сабза сохт,

***Даромади Супориш***
Сабза аз гулшан - чароғони сипеҳри зарнигор...

***Супориш (Халқӣ)***
*Ёри вафодор, ҳайрони ту ман!*
*Мӯнису ғамхор, қурбони ту ман!*

**ТАРОНАИ 1**
**Халқӣ**

***Сархат***
Эй дӯст, агар ҷон талабӣ, ҷон ба ту бахшам,
Аз ҷон чӣ азиз аст, бигӯ, он ба ту бахшам.

Эй шӯх, агар накди муҳаббат талаби туст,
Аз дидаву дил гавҳару марҷон ба ту бахшам.

## ДАРОМАДИ НАСРУЛЛОҲӢ

***Даромад***
Хабар кунед, рафиқон, ки муддао ин ҷост.

## 3. НАСРУЛЛОҲӢ

***Сархат, Миёнхати 1***
Биё, ки маҷлиси хубони бовафо ин ҷост,
Суруди мутрибу риндони хушнаво ин ҷост.

***Миёнхати 2***
Ҷамоли шоҳиди маънӣ зи шиша карда тулӯъ,
Шаробу соғару соқийи маҳлиқо ин ҷост.

*Дунасра*
Ба гӯши ҳуш шунидам, ки пири майкада гуфт:
«Биё ба сидқ, ки ҷоми ҷаҳоннамо ин ҷост».

*Авҷ*
Дафу пиёлаву чангу рубобу шишайи май -
Қароргоҳи дили беқарори мо ин ҷост.

*Нағмаи Авҷ*
Нифоқу ширк дар ин сарзамин намебошад,
Чӣ феълҳову амалҳойи бериё ин ҷост!

*Авҷи Самоъ*
Ба як карашма дилу дину ақлу ҳушам бурд,
Ғазалсаройи ҳарифони хушнаво ин ҷост.

*Нағмаи Авҷи Самоъ*
Зи холи кунҷи лаби лаъли ёр пурсидам,
Ба ханда гуфт, ки сарчашмайи бақо ин ҷост.

*Фуровард, Супориш*
Касе, ки дар талаби дӯст дарбадар бошад,
Хабар кунед, рафиқон, ки муддао ин ҷост...

## ТАРОНАИ 1
## (СУВОРА)
### Сайидо

*Сархат*
Домани гулистонаш то маро ба чанг омад,
Пераҳан бар аъзоям ҳамчу ғунча танг омад.

*Авҷ*
Ҷилва чун тазарви боғ, ҷома чун пари товус,
Чеҳра чун гули раъно бо ҳазор ранг омад.

*Фуровард*
Дар муҳити савдояш киштийи дил афгандам,
Шуд ҳубоби ӯ гирдоб, мавҷи ӯ наҳанг омад...

## ТАРОНАИ 2
### Сайидо

*Сархат*
Дӯстон, девонайи моро ба худ мунис кунед,
Ҳалқайи занҷири ин девонаро аз мис кунед.

*Бозгӯй*
Сайидо, маъшуқи беошиқ чароғи мурдаест,
Шамъи бепарвонаро берун аз ин маҷлис кунед.

## ТАРОНАИ 3
### Мавлавӣ

***Сархат***

Бе ҳамагон ба сар шавад, бе ту басар намешавад,
Доғи ту дорад ин дилам, ҷойи дигар намешавад.

***Авҷ***

Хамри ману хумори ман, боғи ману баҳори ман,

***Фуровард***

Хоби ману қарори ман бе ту ба сар намешавад…

## ДАРОМАДИ НАСРИ УЗЗОЛ
### Ҳофиз

***Даромади Уззол***

Ту оби дида аз ин раҳгузар дареғ мадор.

## 4. НАСРИ УЗЗОЛ
### Ҳофиз

***Сархат***

Сабо, зи манзили ҷонон гузар дареғ мадор
В-аз ӯ ба ошиқи бедил хабар дареғ мадор.

***Миёнхат***

Ба шукри он, ки шукуфтӣ ба коми дил, эй гул,
Насими васл зи мурғи саҳар дареғ мадор.

***Дунасра***

Ҳарифи ишқи ту будам, чу моҳи нав будӣ,
Кунун, ки моҳи тамомӣ, назар дареғ мадор.

***Ушшоқ***

Ҷаҳону ҳар чи дар ӯ ҳаст, саҳлу мухтасар аст,
Зи аҳли маърифат ин мухтасар дареғ мадор.

***Нагмаи Ушшоқ***

Кунун, ки чашмаи қанд аст лаъли нӯшинат,
Сухан бигӯю зи тӯтӣ шакар дареғ мадор.

***Муҳайяри Чоргоҳ***

Макорими ту ба офоқ мебарад шоир,
Аз ӯ вазифаву зоди сафар дареғ мадор.

***Авҷи Муҳайяри Чоргоҳ***

Чу зикри хайр талаб мекунӣ, сухан ин аст,
Ки дар баҳойи сухан симу зар дареғ мадор.

***Фуровард***

Ғубори ғам биравад, ҳол беҳ шавад, Ҳофиз,

***Супориш***

Ту оби дида аз ин раҳгузар дареғ мадор.

## СУПОРИШИ АВВАЛ

**Ҳофиз**

***Фуровард***

Ки Ҳофиз чу мастона созад суруд,
Зи чархаш диҳад Зӯҳра овози руд.

## 5. УФАРИ УЗЗОЛ

**Саъдӣ**

***Сархат, Миёнхат***

Эй сорбон, оҳиста рон, к-ороми ҷонам меравад
В-он дил, ки бо худ доштам, бо дилситонам меравад.

***Дунасра***

Бо ин ҳама бедоди ӯ в-ин аҳди бебунёди ӯ
Дар сина дорам ёди ӯ, то бар забонам меравад.

***Ушшоқ***

Маҳмил бидор, эй сорбон, тундӣ макун бо корвон,
К-аз ишқи он сарви равон гӯйӣ равонам меравад.

***Нағмаи Ушшоқ***

Боз ою бар чашмам нишин, эй дилситони нозанин,

***Бозгашт (Бозгӯйи Уззол)***

К-ошӯбу фарёд аз замин бар осмонам меравад.

***Муҳайяри Чоргоҳ***

Сабр аз висоли ёри ман, баргаштан аз дилдори ман
Гарчи набошад кори ман, ҳам кор аз онам меравад.

***Авҷи Муҳайяри Чоргоҳ***

Дар рафтани ҷон аз бадан гӯянд ҳар навъе сухан,
Ман худ ба чашми хештан дидам, ки ҷонам меравад.

***(Бозгӯйи Уззол)***

Ман худ ба чашми хештан дидам, ки ҷонам меравад.

***Фуровард***

Саъдӣ, фиғон аз дасти мо лоиқ набуд, эй бевафо,
Тоқат намеорам ҷафо, кор аз фиғонам меравад.

## СУПОРИШИ ОХИР

**Анварӣ**

***Фуровард***

Нашгифт, агар нависад аз ин шеъри Анварӣ
Бар рӯйи рӯзгор ба оби зар офтоб.

# II. САВТ

## (Силсилаи фаръӣ)

### I. 1. АМАЛИ БУЗУРГ

**Амирӣ**

***Сархат***

Ишқ бебок асту ман ғамноку ночор инчунин,
Ёр бепарвову ман бесабру дил зор инчунин.

***Миёнхат***

Чашм-наргис, зулф-сунбул, чеҳра-гул, шамшод-қад,
Кас надида дар биҳишти ноз гулзор инчунин.

***Дунасра***

Дар муҳаббат хешро расвойи олам сохтам,
Ҳар касе ошиқ шавад, ӯро бувад кор инчунин.

***Авч. Бозгӯй***

Соғари чашмам зи ашки лолагун лабрез шуд,
Нест дар базми муҳаббат ҷом саршор инчунин.

***Уззол***

Қадди ӯро дар гулистон сарви мавзун диду гуфт,
К-инчунин қадро бувад шоиста рафтор инчунин.

***Муҳайяри Чоргоҳ***

Орази ӯ дар саводи зулф равшантар намуд,
Кас надида моҳтобе дар шаби тор инчунин.

***Фуровард***

Шеъри мавзун дар хаёли қоматаш гуфтам, Амир,
Кай бувад дар шоирӣ устод солор инчунин?

### 2. ТАЛҚИНЧАИ АМАЛИ БУЗУРГ

**Мавлавӣ**

***Сархат***

Ман дӯш дидам сирри дил андар ҷамоли дилбаре,
Сангиндиле, лаълинлабе, имонфазое, кофаре.

***Миёнхат***

Аз ҷону дил гӯяд касе пеши чунон ҷононае?
Аз симу зар гӯяд касе пеши чунон симинбаре?

***Дунасра***

Тан худ кӣ бошад, то бувад фарши саворони ғамаш?
Сар кист, то ӯ сар ниҳад пеши чунон шаҳсарваре?

*Авч, Бозгӯӣ*
Ҳар дам ба ман гӯяд рухаш: «Дорӣ чу ман зеборухе?»
Ҳар дам бад-ӯ гӯяд дилам: «Дорӣ чу банда чокаре?».

*Уззол*
Омад баҳор, эй дӯстон, хезед сӯйи бӯстон,
Аммо баҳори ман туйӣ, ман нангарам дар дигаре.

*Муҳайяри Чоргоҳ*
Омад баҳори меҳрубон сарсабзу хуш доманкашон,
То боғ ёбад зинате, то мурғ ёбад шаҳпаре.

*Фуровард*
То халқ аз ӯ ҳайрон шавад, то ёри ман пинҳон шавад,
То ҷони моро ҷон шавад кӯрийи ҳар кӯру каре.

## 3. ФУРӮҒИ АМАЛИ БУЗУРГ

### Таҷаллӣ

*Сархат*
Бар ман назар барбаста ту, чашм аз ҷаҳон пӯшида ман,
Бо дигарон гардида ту, бар гирди ту гардида ман.

*Миёнхат*
Ман шамъаму ту шӯълайӣ, ман хораму ту оташӣ,
Аз сӯзишам нолида ту в-аз шӯришат коҳида ман.

*Дунасра*
Дар ҳусн ту, дар ишқ ман дорем бо гул нисбате,
Аз рангу бӯ саршор ту, хун аз ҷигар пошида ман.

*Авч, Бозгӯӣ*
Ҳар қатра ашк аз дидаам дорад нигоҳе дар камин,
Қурси қамар бинмуда ту, нури назар борида ман.

*Уззол*
Дар ишқбозӣ мову ту чун булбулу гул дар чаман,
Аз гиряам хандида ту в-аз хандаат болида ман.

*Муҳайяри Чоргоҳ*
Ҳай-ҳай хуш он соат, ки ман бо хештан бинам туро,
Банди қабо бикшуда ту, дар бӯйи гул ғалтида ман.

*Фуровард*
Дилдор агар пурсад зи ту ҳоли Таҷаллиро, бигӯ:
Хуштарҳ ту, хушханда ту, жӯлидаву шӯрида ман.

## 4. СОҚИНОМАИ АМАЛИ БУЗУРГ

### Ҳофиз

*Сархат*
Муғаннӣ, куҷоӣ, ки вақти гул аст,
Зи булбул чаманҳо пур аз ғулғул аст.

***Миёнхат***
Ҳамон беҳ, ки хунам ба ҷӯш оварӣ,
Даме чангро дар хурӯш оварӣ.

***Дунасра, Авҷ***
Муғаннӣ, навойи тараб соз кун,
Ба қавлу ғазал қисса оғоз кун,

***Бозгӯӣ, Уззол***
Ки бори ғамам бар замин дӯхт пой,
Ба зарби усулам баровар зи ҷой.

***Муҳайяри Чоргоҳ***
Биё, соқӣ, аз май надорам гузир,
Ба як ҷоми боқӣ маро даст гир,

***Фуровард***
Ки Ҳофиз чу мастона созад суруд,
Зи чархаш диҳад Зӯҳра овози руд.

## 5. УФАРИ АМАЛИ БУЗУРГ

### Шоҳин

***Сархат***
Эй, ки аз қадди расо ғайрати сарви чаманӣ,
Сарвӣ, эй моҳ, ба қад, лек ба гесӯ суманӣ.

***Миёнхат***
Лабу дандони ту, эй сарвқади симинтан,
Беҳтар аз лаъли бадахшониву дурри аданӣ.

***Дунасра***
Лаби майгуни ту аз ғояти сурхӣ, ки дар ӯст,
Натавон фарқ намудан зи ақиқи яманӣ.

***Авҷ, Бозгӯӣ***
Эй сияҳчашм, аҷаб нест, ки дар дида кашад
Аз ғубори қадамат сурма ғизоли хутанӣ.

***Уззол***
Гуфтамаш: Шонасифат панҷа ба зулфи ту занам,
Ханда зад, гуфт: Илоҳӣ, ба бало панҷа занӣ!

***Муҳайяри Чоргоҳ***
Бар сари кӯйи ту, бигзор, қароре гирам,
Умрҳо шуд, ки малулам зи ғами беватанӣ.

***Фуровард***
Кард хосийяти шаҳди лаби ҷонон, Шоҳин,
Тӯтийи табъи маро шӯҳра ба ширинсуханӣ.

## II. 1. САВТИ УЗЗОЛ

### Ҳилолӣ

*Сархат*

Нагӯ афсонаи Маҷнун, чу ман дар анҷуман бошам,
Аз ӯ боре чаро гӯяд касе ҷое, ки ман бошам?

*Миёнхат*

Касе афсонаи дарди маро ҷуз ман намедонад,
Аз он доим мани девона бо худ дар сухан бошам.

*Дунасра*

Бирав, зоҳид, ки ман коре надорам ғайри май хурдан,
Маро бигзор, то машғули кори хештан бошам.

*Муҳайяри Чоргоҳ*

Ҷудо з-он сарвқад гар ҷониби бустон равам рӯзе,
Ба ёди қадди ӯ дар сояи сарви чаман бошам.

*Авҷи Муҳайяри Чоргоҳ*

Чӣ сон пинҳон кунад розе, ки аз сад парда зоҳир шуд?
Магар вақте ниҳон монад, ки дар зери кафан бошам.

*Фуровард*

Ҳилолӣ, чун намепурсад маро ёреву ғамхоре?
Мани мискин ғарибам, гарчи доим дар ватан бошам.

## 2. ТАЛҚИНЧАИ САВТИ УЗЗОЛ

### Сайидо

*Сархат*

Дар аҳди мо ривоҷ ба аҳли ҳунар намонд,
Имрӯз обрӯй ба лаълу гуҳар намонд.

*Миёнхат*

Парвона рафту нашъа париду қадаҳ шикаст,
Аз шамъ ёдгор ба ҷуз чашми тар намонд.

*Дунасра*

Раҳме ба сокинони гулистон кӣ мекунад?
Эй боғбон, ба мурғи чаман болу пар намонд.

*Муҳайяри Чоргоҳ*

Гардуни сифла беҳунаронро ривоҷ дод,
Азбаски эътибор ба соҳибҳунар намонд.



**Бадриддин Ҳилолӣ**

*Авҷи Муҳайяри Чоргоҳ*
Нагрифт хуни ноҳаќи парвона шамъро,
Файзе ба гиряйи шабу оҳи саҳар намонд.

*Фуровард*
Рафтанд, Саййидо, ба сад афсӯс аҳли ҷоҳ,
Бар сар аз ин кулоҳ ба ҷуз дарди сар намонд.

### 3. ФУРӮҒИ САВТИ УЗЗОЛ
### Ҳилолӣ

*Сархат*
Ҳар шабе гӯям, ки фардо тарки ин савдо кунам,
Боз чун фардо шавад, имрӯзро фардо кунам.

*Миёнхат*
Чун маро савдоят аз рӯзи нахустин дар сар аст,
Пас, ҳамон беҳтар, ки охир сар дар ин савдо кунам.

*Дунасра*
Эй хушо, к-аз бехудиҳо сар ниҳам дар пойи ӯ,
Баъд аз он аз шарм натвонам, ки сар боло кунам.

*Муҳайяри Чоргоҳ*
Эй, ки мегӯйӣ дили гумгаштайи худро биҷӯ,
Ман, ки худ гумгаштаам, ӯро куҷо пайдо кунам.

*Авҷи Муҳайяри Чоргоҳ*
Ман киям, то аз ғуломони ту гӯям хешро,
Ман чӣ саг бошам, ки дар хайли сагонат ҷо кунам.

*Фуровард*
Ошиқи мастам, Ҳилолӣ, маҷлиси риндон куҷост?
То дилу ҷонро фидойи соқийи зебо кунам.

### 4. СОҚИНОМАИ САВТИ УЗЗОЛ
### Ҳофиз

*Сархат*
Муғаннӣ, бизан чанг дар арғунун,
Бубар аз дилам фикри дунёйи дун.
*Миёнхат*
Магар хотирам ёбад осойише,
Чу набвад зи ғам дар вай олойише.
*Дунасра*
Ба мастон навиди суруде фирист,
Ба ёрони рафта дуруде фирист.
*Муҳайяри Чоргоҳ*
Муғаннӣ, биё бо манат чанг нест,
Кафе бар дафе неҳ, гарат чанг нест.

Шунидам, ки чун ғам расонад газанд,
Хурӯшидани даф бувад судманд.

*Авҷи Муҳайяри Чоргоҳ*
Муғаннӣ, кучоӣ, бизан барбате,
Биё, соқӣ, аз бода пур кун бате,

*Фуровард*
Ки бо ҳам нишинему айше кунем,
Даме хуш барорему тайше кунем.

## 5. УФАРИ САВТИ УЗЗОЛ
### Ҳофиз

*Сархат*.
Эй дил, гар аз он чоҳи занахдон бадар ойӣ,
Ҳар ҷо, ки равӣ, зуд пушаймон бадар ойӣ.

*Миёнхат*
Ҳуш дор, ки гар васвасаи ақл кунӣ гӯш,
Одамсифат аз равзаи ризвон бадар ойӣ.

*Дунасра*
Шояд, ки ба обе фалакат даст нагирад,
Гар ташналаб аз чашмаи ҳайвон бадар ойӣ.

*Муҳайяри Чоргоҳ*
Ҷон медиҳам аз ҳасрати дидори ту чун субҳ,
Бошад, ки чу хуршеди дурахшон бадар ойӣ.
Чандон чу сабо бар ту гуморам дами ҳиммат,
К-аз ғунча чу гул хурраму хандон бадар ойӣ.

*Авҷи Муҳайяри Чоргоҳ*
Дар тирашаби ҳаҷри ту ҷонам ба лаб омад,
Вақт аст, ки ҳамчун маҳи тобон бадар ойӣ.

*Фуровард*
Ҳофиз, макун андеша, ки он Юсуфи маҳрӯй
Бозояду аз кулбаи эҳзон бадар ойӣ.

## III. 1. САВТИ НАСРУЛЛОҲӢ

**Камол**

***Сархат***

Маҳи номеҳрубони ман вафодорӣ намедонад,
Бар аҳли дил ба ҷуз зулму ситамкорӣ намедонад.

***Миёнхати 1***

Чу додам дил ба дасти ӯ, ба пойи меҳнат афкандаш,
Чи донистам мани бедил, ки дилдорӣ намедонад.

***Миёнхати 2***

Ба наздики табиб аҳволи дарди хеш мегуфтам,
Вале ӯ чорайи ин навъи беморӣ намедонад.

***Дунасра***

Чи суд аз нолаву зорӣ бар ин дар додхоҳонро,
Ки султон ҳоли мискинони бозорӣ намедонад.

***Авҷи Самоъ***

Муроди хотири мо нек медонад табиб, аммо
Тағофул мекунад з-он сон, ки пиндорӣ, намедонад.

***Нағмаи Авҷи Самоъ***

Лабу дандони чун ӯе ба коми чун мане бояд,
Ки кас ширинтар аз тӯтӣ шакархорӣ намедонад.

***Фуровард***

Камол аз халқ натвонист пӯшидан назарбозӣ,
Ки ӯ ринд асту чун зуҳҳод тарророӣ намедонад.

## 2. ТАЛҚИНЧАИ САВТИ НАСРУЛЛОҲӢ

**Мавлавӣ**

***Сархат***

Эй гул, туро агарчи ки рухсор нозук аст,
Рух бар рухаш мадор, ки он ёр нозук аст.

***Миёнхат 1***

Дар дил мадор низ, ки рух бар рухаш ниҳӣ,
К-ӯ сирри дил бидонаду дилдор нозук аст.

***Миёнхати 2***

Чун орзу зи ҳад(д) шуд, дуздида сачда кун,
Бисёр ҳам макӯш, ки бисёр нозук аст.

***Дунасра***

Гар бехудӣ зи хеш, ҳама вақт вақти туст,
Гар не, ба вақт ой, ки асрор нозук аст.

***Авҷи Самоъ***
Дилро зи ғам бирӯб, ки хонаи хаёли ӯст,
Зеро хаёли он бути айёр нозук аст.

***Нағмаи Авҷи Самоъ***
Рӯзе битофт сояйи гул бар хаёли дӯст,
Бар дӯст кор кард, ки ин кор нозук аст.

***Фуровард***
Андар хаёли мафхари Табрез Шамси дин,
Мангар ту хор, к-он шаҳи хунхор нозук аст.

### 3. ФУРӮҒИ САВТИ НАСРУЛЛОҲӢ

**Бедил**

***Сархат***
Хобро дар дидайи гирёни ошиқ бор нест,
Хонайи хуршедро бо фарши махмал кор нест.

***Миёнхати 1***
Шӯълайи овози мо дар сурма боле мезанад,
Шамъро аз заъф ранги нола дар минқор нест.

***Миёнхати 2***
Ҳусни яктойиву оғӯши дуйӣ ваҳм аст, ваҳм,
То ту аз ойина меёбӣ асар, дидор нест.

***Дунасра***
Чорсӯйи даҳр аз шӯри зиёнкорон пур аст,
Он, ки бо худ мояе дорад, дар ин бозор нест.

***Авҷи Самоъ***
Омаду рафти нафас дорад ғубори ҳодисот,
Ҷуз шикастан корвони мавҷро дар бор нест.

***Нағмаи Авҷи Самоъ***
Дил ба завқи ваъдайи фардост маъзури амал,
Ишқ гӯяд: чашм во кун, фурсат он миқдор нест.

***Фуровард***
Аз ҳаво барпост, Бедил, хонайи ваҳми ҳубоб,
Дар либоси ҳастийи мо ҷуз нафас як тор нест.

### 4. СОҚИНОМАИ САВТИ НАСРУЛЛОҲӢ

**Туғрал**

***Сархат***
Биё, соқӣ, эй обу ранги баҳор,
Биё, эй Фалотуни ҳикматшиор!

***Миёнхат 1***
Ба маъҷуни раз кун диламро қавӣ,
Ки номаш бувад шарбати исавӣ.

*Миёнхати 2*
Биё, соқӣ, боби муғон боз кун,
Ба риндони махмур овоз кун,

*Дунасра*
Ки майхона бикшод пири сахо,
Расад ҳар ки, нӯшад зи шоҳу гадо!

*Авҷи Самоъ*
Биё, соқӣ, олам надорад мадор,
Ҳамон бодайи соф аз хум барор,

*Нағмаи Авҷи Самоъ*
Биё, соқӣ, субҳи баногӯши ту,
Биё, соқӣ, лабҳойи майнӯши ту.

*Фуровард*
Яке аз сипеҳри тараб дам занад,
Яке ханда бар ҳоли мотам занад.

## 5. УФАРИ САВТИ НАСРУЛЛОҲӢ

**Махфӣ**

*Сархат*
Бас ишқи бутон хоки чунун бар сари мо рехт,
Дил қатрайи хун гашту зи ҷисму тани мо рехт.

*Миёнхати 1*
Лабташна басе бодия гаштем, валекин
Бар оташи дил оби ду чашми тари мо рехт.

*Миёнхати 2*
Бар турбати мо равшанийи шамъ муҳол аст,
Парвона зи пар бар сари хокистари мо рехт.

*Дунасра*
Сад ғӯта ба дарё чу занам, пок нагардад,
Бас гарди нуҳусат ба сари ахтари мо рехт.

*Авҷи Самоъ*
Маҷрӯҳ шуд, эй бахт, маро паҳлуйи уммед,
То чанд тавон хор бар ин бистари мо рехт?!

*Нағмаи Авҷи Самоъ*
Мо булбули ишқем, ки дар олами парвоз
Бигрифта ҳавойи ҳама, болу пари мо рехт.

*Фуровард*
Соқӣ, зи ту ҳангома, ки Махфӣ зи ту мино
Хунобайи дилро ҳама дар соғари мо рехт.

## IV. 1. САВТИ САРВИНОЗ

### Мухаммаси Ҳаё бар ғазали Нозим

***Сархат***

Чу дар дил орзуйи суҳбати ширинкалом омад,
Зи номи ӯ забонро лаззати шаккар ба ком омад,

***Миёнхат***

Ба базми майпарастон духтари раз дар хиром омад,

***Дунасра***

«Арӯси бода маст аз пардайи мино ба ҷом омад,
Тарабро муждайи домодийи айши мудом омад.»

***Ушшоқ***

Ба гулзоре, ки сарви қоматаш аз бод мерақсад,
Зи хубийи ниҳоли қоматаш шамшод мерақсад,

***Нагмаи Ушшоқ***

Чу он сайде, ки аз қайди ғамаш озод мерақсад,
«Лаби чоки қафас механдаду сайёд мерақсад,

***Бозгӯй***

Лаби чоки қафас механдаду сайёд мерақсад,
Намедонам, кадомин сайди озоде ба дом омад.»

***Авҷи Самоъ.***

Ҳаё, доим маро бо нуктасанҷон аст дамсозӣ,
Забони хиҷлатам аз ман наёбад ҳарфи ғаммозӣ,

***Нагмаи АвҷСамоъ.***

Расид аз суҳбати соҳибдилонам чун сарафрозӣ,
«Зи файзи хоксорӣ буд, не аз нуктапардозӣ,

***Фуровард***

Зи файзи хоксорӣ буд, не аз нуктапардозӣ,
Агар Нозим ба базми аҳли ирфон дӯстком омад.»

## 2. ТАЛҚИНЧАИ САВТИ САРВИНОЗ

### Мавлавӣ

***Сархат***

Омад хаёли хуш, ки ман аз гулшани ёр омадам,
Дар чашми масти ман нигар, к–аз кӯйи хаммор омадам.

*Миёнхат*
Сармояйи мастӣ манам, ҳам дояйи ҳастӣ манам,

*Дунасра*
Сармояйи мастӣ манам, ҳам дояйи ҳастӣ манам,
Боло манам, пастӣ манам, чун чархи даввор омадам.

*Ушшоқ*
Онам, к-аз оғоз омадам, бо рӯҳ дамсоз омадам,
Баргаштаму боз омадам, бар нуқта паргор омадам.

*Нағмаи Ушшоқ, Бозгӯӣ*
Гуфтам: Биё, шод омадӣ, додам бидеҳ, дод омадӣ,
Гуфто: Ба диду дод ман, к-аз баҳри ин кор омадам.

*Авҷи Самоъ*
Ҳам ман маҳу маҳтоби ту, ҳам гулшану ҳам оби ту,
Чандин раҳ аз иштоби ту бе кафшу дастор омадам.

*Нағмаи Авҷи Самоъ*
Хандон даро, талхӣ бикуш, шобош, эй талхийи хуш,
Гулҳо диҳам, гарчи ки ман аввал ҳама хор омадам.

*Фуровард*
Гул сар бурун кард аз дараҷ, к-ассабру мифтоҳулфараҷ,
Ҳар шох гӯяд: Ло хараҷ, к-аз сабр дар бор омадам.

### 3. ФУРӮҒИ САВТИ САРВИНОЗ
### Ҳилолӣ

*Сархат*
Дӯстон, имшаб давойи ҷони маҳзунам кунед,
Бар сарам афсонае хонеду афсунам кунед.

*Миёнхат*
Нест андӯҳи маро бо дарди Маҷнун нисбате,

*Дунасра*
Нест андӯҳи маро бо дарди Маҷнун нисбате,
Мешавам девона, гар нисбат ба Маҷнунам кунед.

*Ушшоқ*
Лолагун шуд хирқайи садчокам аз хунобi ашк,
Шарҳи ин сурат ба шӯхи ҷомагулгунам кунед.

*Нағмаи Ушшоқ, Бозгӯӣ*
Шаҳсавори ман ба саҳро рафтаву ман мондаам,
З-ин гунаҳ аз шаҳр мехоҳам, ки берунам кунед.

*Авҷи Самоъ*
Васфи қаддашро ба мизони хирад санҷидаам,
Офарин бар эътидоли табъи мавзунам кунед.

*Нағмаи Авчи Самоъ*
Чашми пурхунам бубинеду мапурсед аз дилам,
Ҳолати дилро қиёс аз чашми пурхунам кунед.

*Фуровард*
Чун Ҳилолӣ дӯш бар хоки дараш ҷо кардаам,
Шояд, ар имрӯз ҷо бар авчи гардунам кунед.

## 4. СОҚИНОМАИ САВТИ САРВИНОЗ

### Ҷомӣ

*Сархат*
Биё, соқиё, барги ишрат бисоз,
Макун дар ба рӯйи ҳарифон фароз.

*Миёнхат*
Агар будӣ аз ҷаҳл ҳар сина соф,

*Дунасра*
Агар будӣ аз ҷаҳл ҳар сина соф,
Барафтодӣ аз даҳр расми хилоф.

*Ушшоқ*
Биё, мутрибо, уд бинҳода гӯш,
Ба як гӯшмол овараш дар хурӯш.

*Нағмаи Ушшоқ, Бозгӯй*
Хурӯше, ки дилро ба ҷӯш оварад,
Ба доно паёму суруш оварад.

*Нағмаи Авчи Самоъ*
Дар ин кӯҳнабеша дурангӣ макун,
Зи шерӣ занӣ дам, палангӣ макун.

*Нағмаи Авчи Самоъ*
Макун зоеъ инъоми худ зинҳор
Ба ҳақношиносони ҳақногузор.

*Фуровард*
Наёяд зи як даст кардан ду кор,
Нашояд ба як дил гирифтан ду ёр.

## 5. УФАРИ САВТИ САРВИНОЗ

### Ҳилолӣ

*Сархат*
Дӯшина куҷо рафтию меҳмони кӣ будӣ,
Дил бе ту ба ҷон буд, ту ҷонони кӣ будӣ?

*Миёнхат*
Ин ғусса маро кушт, ки ғамхори кӣ гаштӣ,

*Дунасра*
Ин ғусса маро кушт, ки ғамхори кӣ гаштӣ,
В–ин дард маро сӯхт, ки дармони кӣ будӣ.

*Ушшоқ*
Бо холи сияҳ мардуми чашми кӣ шудӣ боз,
Бо рӯйи чу маҳ шамъи шабистони кӣ будӣ?

*Нағмаи Ушшоқ, Бозгӯй*
Эй давлати бедор, ба паҳлӯйи кӣ хуфтӣ
В–эй бахти гурезанда, ба фармони кӣ будӣ?

*Авҷи Самоъ*
Шӯре ба дили сӯхта афтод, бифармо,
Имшаб намаки синайи бирёни кӣ будӣ?

*Нағмаи Авҷи Самоъ*
Ман бо дили ошуфта чӣ донам, ки ту имшаб
Ҷамъияти аҳволи парешони кӣ будӣ.

*Фуровард*
Дур аз ту сияҳ буд шаби тори Ҳилолӣ,
Эй моҳ, ту хуршеди дурахшони кӣ будӣ?.

## V. 1. РОК
### Ҳофиз

*Сархат*

Булбуле барги гуле хушранг дар минқор дошт
В–андар он баргу наво хуш нолаҳойи зор дошт.

*Дунасра*

Гуфтамаш: Дар айни васл ин нолаву фарёд чист?
Гуфт: Моро чилвайи маъшуқ дар ин кор дошт.

*Уззол*

Дарнамегирад ниёзу нози мо бо ҳусни дӯст,
Хуррам он, к-аз нозанинон бахти бархурдор дошт.

*Нагмаи Уззол*

Хез, то бар килки он наққош ҷон афшон кунем,
К-ин ҳама нақши аҷаб дар гардиши паргор дошт.

*Фуровард*

Чашми Ҳофиз зери боми қасри он ҳурисиришт
Шевайи ҷанноту тачрӣ таҳтиҳаланҳор дошт.

## 2. МУСТАЗОДИ РОК
### Исо

*Сархат*

Наргис ба чаман мунтазири чашми сиёҳат,
бихром ба гулзор!
Гулҳо ҳама тан гӯш ниҳода ба паёмат,
бинвоз ба гуфтор!
Аз гарди хироми ту, ки шамшоду санавбар
афрохта қомат,
Бархост бас ошӯб, ки гардам зи хироматт,
рӯ ҷониби ман ор!

*Уззол*

Ҳар ҷо, ки хиромӣ ту, аз он пойи ҳинойӣ
нақше, ки барафтад,
Гул бишкуфаду сабза дамад, ин чӣ аломат?
Сеҳрест падидор.

*Нагмаи Уззол, Фуровард*

Хун гашт дил аз ҳасрати рӯят, чӣ тавон кард
маҳрум зи рӯят?
Аз субҳи баногӯши туву пардайи шомат
в-аз лаъли шакарбор.

## 3. ФУРӮҒИ РОК
### Авзаҳ

*Дунасра*
Аз ҷустуҷӯят, эй ҷон, ҷонам ба лаб расида,
Во ҳасрато, ки мурдам рӯйи маҳат надида.

*Миёнавҷ*
Гоҳи сухан зи лаълат шаҳду шакар бирезад,
Эй, кошкӣ бигирам ман аз лабат макида.

*Авҷ*
То чанд меситезӣ, то чанд мегурезӣ?
Оё бувад, ки гирам аз доманат кашида.

*Фуровард*
Хуш он шабе, ки ойӣ, банди қабо кушойӣ,
Гирам ба вақти оғӯш аз ғабғабат газида.

## 4. СОҚИНОМАИ РОК
### Сомӣ

*Сархат*
Шуд зи рӯят барги гул дар бӯстон хушрангу бӯ,
Сарв пеши боғбон аз қоматат беобрӯ.

*Дунасра*
Фитнаҳо мерезадам ҳар лаҳза бар сар, чун туро
Шона гирад зулф, ё ойина гардад рӯ ба рӯ.

*Авҷ*
Чеҳра-гул, қад-сарв, абрӯ-моҳи нав, рӯят-қамар,
Пайкарат-симину соид-симу мушки сода-мӯ.

*Фуровард*
Абруят мушкинҳилолу қоматат сарви чаман,
Оразат рангинбаҳору чаъди зулфат мушкбӯ.

## 5. УФАРИ РОК
### Камол

*Сархат*
Ёр гуфт: Аз ғайри мо пӯшон назар! Гуфтам: Ба чашм.
В-он гаҳе дуздида бар мо менигар! Гуфтам: Ба чашм.

*Миёнхат*
Гуфт: Агар гардӣ шабе аз рӯйи чун моҳам ҷудо,
То саҳаргоҳон ситора мешумар! Гуфтам: Ба чашм.

*Дунасра*
Гуфт: Агар гардад лабат хушк аз дами сӯзони оҳ,
Боз месозаш чу шамъ аз гиря тар! Гуфтам: Ба чашм.

*Авҷ*
Гуфт: Агар бар остонам об хоҳӣ зад зи ашк,
Ҳам ба мижгонат бирӯб он хоки дар! Гуфтам: Ба чашм.

*Фуровард*
Гуфт: Агар сар дар биёбони ғамам хоҳӣ ниҳод,
Ташнагонро муждае аз мо бубар! Гуфтам: Ба чашм.

## СУПОРИШИ РОК (Сокинома)

### Камол

Гуфт: Агар дорӣ хаёли дурри васли мо, Камол,
Қаъри ин дарё бипаймо сар ба сар! Гуфтам: Ба чашм.

# III

## *Илова*

# I. ҚАРИНАҲОИ МАҚОМ

## 1. ТАЛҚИНИ АМАЛИ БУЗУРГ

**Убонӣ**

***Сархат***
Сайди домафтодаам бо обу тоби зулфи ёр,
Бе ҳузури бодаам масту хароби зулфи ёр.

***Миёнхат***
Дар дили шабҳойи тор афтода тоби зулфи ӯ,
Мӯшикофон ҳам намеёбад ҳисоби зулфи ёр.

***Дунасра***
Шона медонад зи чоки сина аз тасвир беш
Печу тобу хобу тобу обу тоби зулфи ёр.

***Уззол***
Аз чи сарфи як сару коранд он ҳар ду баҳам?
Тавқу банди гардани мо шуд таноби зулфи ёр.

***Нагмаи Уззол***
Хуни дил чун нофайи нофи ғизолон мебарад,
То кашида боди саҳро изтироби зулфи ёр...

***Фуровард***
Мешавад Убонӣ дар доми шикори ӯ асир,
Гарчи сайди лоғари мо шуд хароби зулфи ёр.

## 2. ТАЛҚИНЧАИ САВТИ САРВИНОЗ

**Бедил**

***Сархат***
Зи раҳи ҳавас ба ту кай расам, нафасе зи худ нараҳида ман,
Ҳама ҳайратам, ба куҷо равам, ба раҳат саре накашида ман...

***Миёнхат,***
Чу гул, он ки нусхайи сад чаман зи ниқоби ҷилва кушуда ту,

***Дунасра***
Чу гул, он ки нусхайи сад чаман зи ниқоби ҷилва кушуда ту,
Чу май, он ки ишрати оламе зи гудози худ талабида ман...

***Ушшоқ***
Ту ба маҳфиле нанамуда рӯ, ки зи тоби шӯълайи ғайраташ
Ҳама ашк гашта ба ранги шамъ зи чашми худ начакида ман.

*Нағмаи Ушшоқ*
Майи ҷоми нозу ниёзҳо ба хумор агар накушад, чаро
Зи сари ҷафо нагузашта ту, зи дари вафо нарамида ман?
*Бозгӯй*
Чу нигоҳи гарм ба ҳар тараф, ки гузашта маҳмили нози ту,
Чу дили гудохта аз паят ба рикоби ашк давида ман...
*Авҷи Самоъ*
Туву сад чаман тарабу нумӯ, ману шабнами нигаҳобрӯ,
Ба баҳори олами рангу бӯ ҳама ҷилва ту, ҳама дида ман...
*Нағмаи Авҷи Самоъ*
Ба кадом нағмайи дилгусил зи навокашон нашавам хиҷил,
Чу ҷарас ба ғайри шикасти дил сухане зи худ нашунида ман.
*Фуровард, Бозгӯи Сархат*
Мани Бедилу ғами ғафлате, ки зи чашмбанди фусуни дил
Ҳама ҷо зи ҷилвайи ман пур асту ба ҳеҷ ҷо нарасида ман.

## 3. ТАЛҚИНИ САВТИ САРВИНОЗ

### Ҳофиз

*Сархат*
Ман на он риндам, ки тарки шоҳиду соғар кунам,
Муҳтасиб донад, ки ман ин корҳо камтар кунам.
*Дунасра*
Чун сабо маҷмўайи гулро ба оби лутф шуст,
Каҷдилам хон, гар назар бар сафҳайи дафтар кунам.
*Ушшоқ*
Ман, ки имрӯзам биҳишти нақд ҳосил мешавад,
Ваъдайи фардойи зоҳидро чаро бовар кунам?
*Нағмаи Ушшоқ*
Дӯш лаълаш ишвае медод Ҳофизро, вале
Ман на онам, к-аз вай ин афсонаҳо бовар кунам

## 4. УФАРИ САВТИ САРВИНОЗ

### Ҳофиз

*Сархат*
Санамо, бо ғами ишқи ту чи тадбир кунам?
То ба кай дар ғами ту нолайи шабгир кунам?
*Миёнхат*
Он чи дар муддати ҳаҷри ту кашидам, ҳайҳот,
Дар яке нома муҳол аст, ки таҳрир кунам.
*Фуровард*
Дур шав аз барам, эй воизу беҳуда магӯй,
Ман на онам, ки дигар гӯш ба тазвир кунам.

## 5. ФУРӮҒИ САВТИ САРВИНОЗ

**Бедил**

***Сархат***
Агар ба гулшан зи ноз гардад қади баланди ту ҷилвафармо,
Зи пайкари сарв мавҷи хиҷлат шавад намоён чу май зи мино.

***Миёнхат***
Зи чашми масти ту гар биёбад қабули кайфияти нигоҳе,

***Дунасра***
Зи чашми масти ту гар биёбад қабули кайфияти нигоҳе,
Тапад зи мастӣ ба рӯйи ойина нақши ҷавҳар чу мавҷи саҳбо...

***Ушшоқ***
Рамидӣ аз дида бетааммул, гузаштӣ охир ба сад тағофул,
Агар надидӣ тапидани дил, шунидаӣ дошт нолайи мо.

***Нағмаи Ушшоқ, Бозгӯй***
Ба ҳар куҷо ноз сар барорад, ниёз ҳам пойи кам надорад,
Туву хиромеву сад тағофул, ману нигоҳеву сад таманно.

***Авҷи Самоъ***
Ба аввалин ҷилва аз дили мо рамид сабру гудохт тоқат,
Куҷост ойина, то бигирад ғубори ҳайрат пайи тамошо.

***Нағмаи Авҷи Самоъ***
Ба бӯйи райҳони мушкбораш ба хеш печидаам чу сунбул,
Зи ҳар раҳе баҳри гул надорам чу тойири вай зи ишва парво.

***Фуровард, Бозгӯи Сархат***
Ба даври паймонайи нигоҳат, агар занад лофи майфурӯшӣ,
Нафас занад дида мардуми чашм чу авҷи май дар тулӯи мино.

## 6. ЧОРЗАРБИ РОК

**Авзаҳ**

***Сархат***
Аз ҷустуҷӯят, эй ҷон, ҷонам ба лаб расида,
Во ҳасрато, ки мурдам рӯйи маҳат надида.

***Дунасра***
Гоҳи сухан зи лаълат шаҳду шакар бирезад,
Эй, кошкӣ бигирам ман аз лабат макида.

***Авҷ***
То чанд меситезӣ, то чанд мегурезӣ?
Оё бувад, ки гирам аз доманат кашида.

***Фуровард***
Хуш он шабе, ки ойӣ, банди қабо кушоӣ,
Гирам ба вақти оғӯш аз ғабғабат газида.

## II. ОСОРИ ҶУДОГОНАИ МАҚОМ

### 1. СИНАХУРӮШ

**Қоонӣ**

*Сархат*
Ба ҳар чи васф намоям туро ба зебоӣ,
Ҷамилтар зи ҷамолӣ, чу рӯй бинмоӣ.
Сифат кунанд накуёни шаҳрро ба ҷамол,
Ту бо ҷамоли чунин дар сифат намеоӣ.

*Миёнхат*
Ба нотавонийи ман бин, тараҳҳуме фармо,
Ки нест бо ту маро панҷаи тавоноӣ.

*Дунасра*
Тафовути шабу рӯз аз баройи мост зи ту,
Аз он сабаб, ки ту худ меҳри оламоройӣ.

*Авҷи Самоъ, Нағмаи Авҷи Самоъ*
Шаби висоли ту донистам, аз чи кӯтоҳ аст,
Ту худ ситорайи рӯзӣ, чу парда бикшоӣ.

*Фуровард*
Ба сарву моҳ аз он ошиқ аст Қоонӣ,
Ки моҳи сарвқаду сарви моҳсимоӣ.

### 2. ДИЛХИРОҶИ СОДИРХОН

**Ҳофиз**

*Сархат*
Дӯш дидам, ки малоик дари майхона заданд,
Гили одам бисириштанду ба паймона заданд.

*Миёнхат*
Сокинони ҳарами ситру афофи малакут
Бо мани роҳнишин бодайи мастона заданд.

*Дунасра*
Осмон бори амонат натавонист кашид,
Қуръаи фол ба номи мани девона заданд.

*Авҷ*
Нуқтаи ишқ дили гӯшанишинон хун кард,
Ҳамчу он хол, ки бар орази ҷонона заданд.

*Шаҳд*
Кас чу Ҳофиз накушод аз рухи андеша ниқоб,
То сари зулфи суханро ба қалам шона заданд.

### 3. ДИЛХИРОҶ
**Восифӣ**

*Сархат*
Соқиё, ҳамчун гули раъно дар айёми баҳор
Ҷоми зар аз бодайи гулгун даме холӣ мадор.

*Миёнхат*
Ҳаст дуде з-оташи сӯзанда қад афрохта,
Бе ниҳоли қоматат сарви сиҳӣ дар лолазор.

*Дунасра*
Ғунча хунолуди пайконе бувад бигрифта ранг,
Дида то лаъл аз даҳонат дар чаман, эй гулъузор.

*Авҷ*
Бар канори рӯдҳо, дар сояҳойи бедгул
Моҳиёнро ранги гул дар об бинӣ сад ҳазор.

*Фуровард*
Боғ дебойи мулавван аз гулу аз сабза сохт,
Сабза аз гулшан – чароғони сипеҳри зарнигор...

# ҶАДВАЛҲОИ СОХТОРИ МУСИҚИИ МАҚОМИ БУЗУРГ

(КОМПОЗИТСИЯ)

# ҚИСМИ I.
# СИЛСИЛАИ БАХШИ СОЗ
# МУШКИЛОТ
## (Силсилаи аслӣ)

### 1. ТАСНИФИ БУЗУРГ

| Бандҳои мусиқӣ | Хатҳои мусиқӣ (Адвор) | Сохтори хатҳо | |
|---|---|---|---|
| Банди аввал (i) | Хонаи 1 | Нимхона | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Хонаи 2 | Нимхона | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Хонаи 3 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| Банди миёна (m) | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Хонаи 4 | Нимхонаи 1 | Фурӯи 1 |
| | | | Фурӯи 2 |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Хонаи 5 | Нимхонаи 1 | Фурӯи 1 |
| | | | Фурӯи 2 |
| | | | Фурӯи 3 |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Хонаи 6 | Нимхонаи 1 | Фурӯи 1 |
| | | | Фурӯи 2 |
| | | | Фурӯи 3 |
| | | | Фурӯи 4 |
| | | | Фурӯи 5 |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Хонаи 7 | Нимхонаи 1 | Фурӯи 1 |
| | | | Фурӯи 2 |
| | | | Фурӯи 3 |
| | | | Фурӯи 4 |
| | | | Фурӯи 5 |
| | | | Фурӯи 6 |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Хонаи 8 | Нимхонаи 1 | Фурӯи 1 |
| | | | Фурӯи 2 |
| | | | Фурӯи 3 |
| | | | Фурӯи 4 |
| | | | Фурӯи 5 |
| | | | Фурӯи 6 |
| | | | Фурӯи 7 |
| | | Нимхонаи 2 | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Банди охир (t) | Хонаи 9 | Нимхонаи 1 | Фурӯи 1 |
| | | | Фурӯи 2 |
| | | | Фурӯи 3 |
| | | | Фурӯи 4 |
| | | | Фурӯи 5 |
| | | | Фурӯи 6 |
| | | | Фурӯи 7 |
| | | | Фурӯи 8 |
| | | | Фурӯи 9 |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |

## 2. ТАРҶЕИ БУЗУРГ

| Бандҳои мусиқӣ | Хатҳои мусиқӣ (Адвор) | Сохтори хатҳо | |
|---|---|---|---|
| Банди аввал (i) | Хонаи 1 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Хонаи 2 | Нимхонаи 1 | Фурӯи 1 |
| | | | Фурӯи 2 |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Хонаи 3 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Хонаи 4 | Нимхонаи 1 | (Бозгӯй) |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| Банди миёна (m) | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Хонаи 5 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Хонаи 6 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Хонаи 7 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Хонаи 8 | Нимхонаи 1 | Фурӯи 1 |
| | | | Фурӯи 2 |
| | | | Фурӯи 3 |
| | | Нимхонаи 2 | |
| Банди охир (t) | Хонаи 9 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |

## 3. ГАРДУНИ БУЗУРГ

<table>
<tr><th>Бандҳои мусиқӣ</th><th>Хатҳои мусиқӣ (Адвор)</th><th colspan="2">Сохтори хатҳо</th></tr>
<tr><td rowspan="6">Банди аввал (i)</td><td rowspan="2">Хонаи 1</td><td>Нимхонаи 1</td><td></td></tr>
<tr><td>Нимхонаи 2</td><td></td></tr>
<tr><td rowspan="3">Хонаи 2</td><td>Нимхонаи 1</td><td></td></tr>
<tr><td rowspan="2">Нимхонаи 2</td><td>Фурӯи 1</td></tr>
<tr><td>Фурӯи 2</td></tr>
<tr><td>Бозгӯй</td><td>Нимхона</td><td></td></tr>
<tr><td rowspan="13">Банди миёна (m)</td><td rowspan="5">Хонаи 3</td><td>Нимхонаи 1</td><td></td></tr>
<tr><td rowspan="4">Нимхонаи 2</td><td>Фурӯи 1</td></tr>
<tr><td>Фурӯи 2</td></tr>
<tr><td>Фурӯи 3</td></tr>
<tr><td>Фурӯи 4</td></tr>
<tr><td>Бозгӯй</td><td>Нимхона</td><td></td></tr>
<tr><td rowspan="6">Хонаи 4</td><td>Нимхонаи 1</td><td></td></tr>
<tr><td rowspan="5">Нимхонаи 2</td><td>Фурӯи 1</td></tr>
<tr><td>Фурӯи 2</td></tr>
<tr><td>Фурӯи 3</td></tr>
<tr><td>Фурӯи 4</td></tr>
<tr><td>Фурӯи 5</td></tr>
<tr><td rowspan="2">Банди охир (t)</td><td rowspan="2">Бозгӯй</td><td>Нимхонаи 1</td><td></td></tr>
<tr><td colspan="2">Нимхонаи 2 (Фурӯ)</td></tr>
</table>

## 4. МУХАММАСИ БУЗУРГ

<table>
<tr><th>Бандҳои мусиқӣ</th><th>Хатҳои мусиқӣ (Адвор)</th><th colspan="2">Сохтори хатҳо</th></tr>
<tr><td rowspan="4">Банди аввал (i)</td><td rowspan="2">Хонаи 1</td><td>Нимхонаи 1</td><td></td></tr>
<tr><td>Нимхонаи 2</td><td>Фурӯ</td></tr>
<tr><td rowspan="2">Бозгӯй</td><td>Нимхонаи 1</td><td></td></tr>
<tr><td>Нимхонаи 2</td><td>Фурӯ</td></tr>
<tr><td rowspan="8">Банди миёна (m)</td><td rowspan="2">Хонаи 2</td><td>Нимхонаи 1</td><td></td></tr>
<tr><td>Нимхонаи 2</td><td>Фурӯ</td></tr>
<tr><td rowspan="2">Бозгӯй</td><td>Нимхонаи 1</td><td></td></tr>
<tr><td>Нимхонаи 2</td><td>Фурӯ</td></tr>
<tr><td rowspan="2">Хонаи 3</td><td>Нимхонаи 1</td><td></td></tr>
<tr><td>Нимхонаи 2</td><td>Фурӯ</td></tr>
<tr><td rowspan="2">Бозгӯй</td><td>Нимхонаи 1</td><td></td></tr>
<tr><td>Нимхонаи 2</td><td>Фурӯ</td></tr>
<tr><td rowspan="4">Банди охир (t)</td><td rowspan="2">Хонаи 4</td><td>Нимхонаи 1</td><td></td></tr>
<tr><td>Нимхонаи 2</td><td>Фурӯ</td></tr>
<tr><td rowspan="2">Бозгӯй</td><td>Нимхонаи 1</td><td></td></tr>
<tr><td>Нимхонаи 2</td><td>Фурӯ</td></tr>
</table>

## 5. МУХАММАСИ НАСРУЛЛОҲӢ

| Бандҳои мусиқӣ | Хатҳои мусиқӣ (Адвор) | Сохтори хатҳо | |
|---|---|---|---|
| Банди аввал (i) | Хонаи 1 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| Банди миёна (m) | Хонаи 2 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| Банди охир (t) | Хонаи 3 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |

## 6. САҚИЛИ ИСЛИМӢ

| Бандҳои мусиқӣ | Хатҳои мусиқӣ (Адвор) | Сохтори хатҳо | |
|---|---|---|---|
| Банди аввал (i) | Хонаи 1 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | |
| Банди миёна (m) | Хонаи 2 (Ранги Тарҷеъ) | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Хонаи 3 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| Банди охир (t) | Хонаи 4 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |

## 7. САҚИЛИ СУЛТОН

| Бандҳои мусиқӣ | Хатҳои мусиқӣ (Адвор) | Сохтори хатҳо | |
|---|---|---|---|
| Банди аввал (i) | Хонаи 1 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| Банди миёна (m) | Хонаи 2 (Ранги Тарҷеъ) | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Хонаи 3 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| Банди охир (t) | Хонаи 4 | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |
| | Бозгӯй | Нимхонаи 1 | |
| | | Нимхонаи 2 | Фурӯ |

# ҚИСМИ II.
# СИЛСИЛАҲОИ БАХШИ ОВОЗ

## I. НАСР
## (Силсилаи аслӣ)

### 1. САРАХБОРИ БУЗУРГ (Анварӣ)

| Бандҳои мусиқӣ | Хатҳои мусиқӣ (Адвор) | Унвони хатҳо | Сохтори хатҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Навозиш | Суруд | | | | Навозиш |
| | | | | Мусиқӣ | Шеър | Овои мусиқӣ | | |
| Банди аввал (i) | Хати 1 | САРХАТ | Сароҳанг | Нимхати 1 | Мисраъи 1 | - | - | - |
| | | | - | Нимхати 2 | Мисраъи 2 | Замзамаи Бузург | Овои 1, Фарово, Овои 2, Фурӯ, Нолаи парда | - |
| | Хати 2 | МИЁНХАТ | - | Нимхати 1 | Мисраъи 3 | - | - | - |
| | | | - | Нимхати 2 | Мисраъи 4 | - | Фурӯ | |
| | | | - | | | Замзамаи Бузург | Овои 1, Фарово, Овои 2, Фурӯ, Нолаи парда | - |
| | Хати 3 | ДУНАСРА | Сароҳанг | Нимхати 1 | Мисраъи 5 | - | - | - |
| | | | - | Нимхати 2 | Мисраъи 6 | - | Фурӯ | - |
| | | | | | | Карашмаи Бузург | Овои 1, Овои 2, Фурӯ | - |
| | | | | | | Замзамаи Бузург | Овои 1, Фарово, Овои 2, Фурӯ, Нолаи парда | - |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Хати 4 | **УЗЗОЛ** | Сароҳанг | Нимхати 1 | Мисраъи 7 | - | - | - |
| | | | - | Нимхати 2 | Мисраъи 8 | Фурӯ | - | - |
| Банди миёна (m) | Хати 5 | **МУҲАЙЯРИ ЧОРГОҲ** | Сароҳанг | Нимхати 1 | Мисраъи 9 | - | - | Нағмаи парда |
| | | | - | Нимхати 2 | Мисраъи 10 | Замзамаи Муҳайяри Чоргоҳ | Ово, Фурӯ | - |
| | | | Рехтаи Муҳайяр | Нимхати 1 | Мисраъи 11 | Замзамаи Нағмаи Муҳайяри Чоргоҳ | Овои 1, Овои 2, Фурӯ | - |
| | Хати 6 | **НАҒМАИ МУҲАЙЯРИ ЧОРГОҲ** | - | Нимхати 2 (Пояи Муҳайяри Чоргоҳ) | Мисраъи 12 | Замзамаи Пояи Муҳайяри Чоргоҳ | Овои 1, Овои 2, Фарово, Фурӯ | - |
| | | | - | - | - | Замзамаи Бозгашт | Асиратам, Ово,Фурӯ | - |
| | | | - | - | - | Фарёди Бозгашт | Ёрам, Ово, Фурӯ | - |
